# Муайянкунандаи набототи чарогоҳу алафзори Тоҷикистон ва усули баҳодиҳии ҳосилнокии онҳо










Маблағгузор:

Иттиҳоди Аврупо

FLERMONECA

Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист

Дар амал татбиққунанда:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

ББК 42.2 (2 тоҷик)
М 75

Тақризгарон: И. Қудратов - д.и.б. профессор, мудири озмоишгоҳи захираи гербарияи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АИҶТ;
А. Ҳалимов – дотсент, мудири кафедраи ботаникаи ДМТ.

**Муайянкунандаи набототи чарогоҳу алафзори Тоҷикистон ва усули баҳодиҳии ҳосилнокии онҳо**

М75 Дар Тоҷикистон. –Душанбе, 2015 – 154 с.

ISBN 978-99947-49-74-4

Ин нашрия бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо тавассути лоиҳаи FLERMONECA (Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист), ки аз тарафи Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ) дар Осиёи Марказӣ амалӣ мегардад чоп шудааст.

Нашрияи мазкур аз тарафи Абдулло Мадаминов - мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркунони лоиҳаи FLERMONECA Катрин Улеманн ва Умед Ваҳобов тайёр карда шудааст.

Дар ин нашрия суратҳои GIZ ва суратҳо аз сомонаи http://plantarium.ru истифода бурда шудаанд.

М 75

**ISBN 978-99947-49-74-4**

© Лоиҳаи EU FLERMONECA, 2015
© GIZ, 2015

# Мундарича


**Муқаддимма** ... 3

**1. Набототи чарогоҳу алафзори Тоҷикистон** ... 5

АВРУК ... 7
АДРАСМОНИ ТУРКИСТОНӢ ... 8
АНҶИБАРИ ТЕППАГӢ. ... 9
АСАЛРИШҚА. ... 10
АСТРАГАЛИ ПУПИНАКДОР ... 11
АСТРАГАЛИ БОРНМЮЛЛЕР. ... 12
АСТРАГАЛИ ҒАЛАТӢ ... 13
АСТРАГАЛИ СИВЕРС ... 14
АСТРАГАЛИ ШМАЛГАУЗЕН ... 15
АСТРАГАЛИ ШУБҲАОМЕЗ ... 16
АЧИРИҚ ... 17
АҶАЛГИЁҲ. ... 18
БАРГИЗУФИ НЕШТАРБАРГ ... 19
БАРЧАКИ ТУРКИСТОНӢ. ... 20
БОМАС. ... 21
БУЗГАНДУМИ СЕДЮЙМӢ ... 22
БӮЙМОДАРОНИ ТАБУЛҒАШАК. ... 23
ВАЛДИРҒОН. ... 24
ГАНДУМАК. ... 25
ГУЛИГОВАКИ ФАХШУДА ... 26
ГӮСОЛАЧИМАК ... 27
ГӮСФАНДХОР ... 28
ҒАРАБ. ... 29
ҒАРМАШ. ... 30
ҒЕША ... 31
ҒЕШАИ БАДБӮЙНАМО. ... 32
ҒЕШАИ ТУРКИСТОНӢ ... 33
ҒИЖМАЛОСИ ЭЛЛИПСШАКЛ. ... 34
ҒОЗИПИЁЗИ ОЛГА ... 35
ДОДХОҲИ ШАХШУЛ ... 36
ДОДХОҲИ СӮРОХДОР, ЧОЙКАҲАК ... 37
ЗАРАНДИЗИ ГУНОГУНБАРГ. ... 38
ЗАРБАТИ ЗАРАФШОНӢ ... 39
ЗУФОИ ЗАРАВШОНӢ ... 40
ИЗЕН. ... 41
ИСПАНД ... 42
ИСПИРУСИ ЗАРЧАТОБ. ... 43
ИСПИРУСИ ЛЕМАН. ... 44
КАБУДСАРАКИ КАФҚОЗӢ ... 45
КАВАРИ ХОРДОР ... 46
КАМОЛИ КӮҲИСТОНӢ ... 47
КАМОЛИ ТОҶИКӢ. ... 48
КОВИЛИ МӮЙМОНАНД ... 49
КОСНӢ ... 50
ҚАЛМОЧ ... 51
ҚАТРАБОРОНИ БАЛҶУВОНӢ ... 52
ҚАТРАБОРОНИ ЗАРАВШОНӢ ... 53
ҚАТРАБОРОНИ ЗЕБО ... 54
ҚАТРАБОРОНИ ҚАДБАЛАНД. ... 55
ҚАТРАБОРОНИ ФАРҒОНАГӢ ... 56
ҚАТРАБОРОНИ ХУРОСОНӢ ... 57
ҚАТРОНИ КОЧИ ... 58
ҚИЁҚИ СИЛИНДРӢ ... 59
ҚОҚУИ БИННИДАРОЗ ... 60
ҚӮТУРГИЁҲИ ЧУНҒОРӢ ... 61
ЛЕПТАЛЕУМИ РЕСМОНБАРГ ... 62
ЛИФТОКИ ТОКБАРГ. ... 63
ЛОЛАҚАЗОҚ ... 64
МАРГИ МОҲИ ... 65
МАРЗ. ... 66
МАРЗАНГӮШИ БАЛАНДКӮҲӢ ... 67
МАРҶОНГУЛАКИ КОБУЛӢ ... 68
МАСТАК ... 69
МОМОЧУЧУКИ ТОТОРӢ ... 70
МОРТУК. ... 71
МУЛКАК ... 72

МУНДАЛОҚИ АНБӮҲХОР .......... 73
МУНЧИ ТУНУКБАРГ .......... 74
МУШКМӮЯ .......... 75
НАХУДАК .......... 76
ПАРПИГУЛИ ОЛИВЬЕ .......... 77
ПИЁЗИ ФЕДЧЕНКО .......... 78
ПУДИНАИ ОСИЁӢ .......... 79
РАЙГРАСИ МУҚАРРАРӢ .......... 80
РӮБОҲДУМИ ЗАРАВШОНӢ .......... 81
САКСАВУЛИ СИЁҲ .......... 82
СЕБАРГАИ САФЕД .......... 83
СЕБАРГАИ СУРХ .......... 84
СИДИРКИ БЕБАРГЧА .......... 85
СИДИРКИ ЧАМАНӢ .......... 86
СИЧИ КАЛОН .......... 87
СИЧИ ҲИСОРӢ .......... 88
СУС .......... 89
СӮЗОКГИЁҲИ БУТТАНАМО .......... 90
СӮЗОКГИЁҲИ БУХОРОӢ .......... 91
ТАҚТАҚ .......... 92
ТАЛХАК .......... 93
ТАЛХАКБУЯ .......... 94
ТАРХУН .......... 95
ТЕРЕСКЕН .......... 96
ТОРОН .......... 97
ТУТҒӮЗАКИ БИСЁРНИКОҲӢ .......... 98
ТУТИКАЛӢ .......... 99
УШТУРХОРИ ҚИРҒИЗӢ .......... 100
УШТУРХОРИ ХОКИСТАРРАНГ .......... 101
ХАНДАЛАБ .......... 102
ХАРАКХОРИ САМАРКАНДИ .......... 103
ХАРДУМА .......... 104
ХАСАККУЧАЛА .......... 105
ХОРАЛАФИ АЛПӢ .......... 106
ХОРАЛАФИ БИСЁРСАР .......... 107
ХОРАЛАФИ ТОБОН .......... 108
ЧАНОРАК .......... 109
ЧАТИРИ КАЛОНГУЛ .......... 110
ЧАТИРИ ТУРКИСТОНӢ .......... 111
ЧОҚАЛАИ САРБЕХ .......... 112
ЧОРМОГАК .......... 113
ҶАВДАРАКИ ВАЛЕЗИЯГӢ .......... 114
ҶАВДАРАКИ СУРХ .......... 115
ҶАВИ ПИЁЗАКОР .......... 116
ҶАВИ ТУРКИСТОНӢ .......... 117
ҶАВСАРАКИ БЕШӮГ .......... 118
ҶОРӮБАКИ ЧАМАНӢ .......... 119
ҶОРУБАК ПИЁЗАКДОР .......... 120
ШАҒАЛАК .......... 121
ШАҚОИҚИ БОЙСУНӢ .......... 122
ШАҚОИҚИ БУХОРОӢ .......... 123
ШИБОҒИ БАЛҶУВОНӢ .......... 124
ШИБОҒИ КӮҲИМУҒУЛ .......... 125
ШИБОҒИ СУҒДӢ .......... 126
ШИБОҒИ ҶОРУБӢ .......... 127
ШУЛҲАИ ПАУЛСЕН .......... 128
ШӮРАКИ ТУРКИСТОНӢ .......... 129
ШӮРАҶИРИҚ .......... 130
ЭЛЕОСТИКТАИ КӮТОҲМӮЙ .......... 131
ЮҒАН .......... 132
ЮНУЧҚАИ ДУРУШТ .......... 133
ЮНУЧҚАИ ЛУНДАШАКЛ .......... 134
ЮНУЧҚАИ МУҚАРРАРӢ .......... 135
ЮНУЧҚАИ ХУРД .......... 136

**2. Усули баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳо** .......... 137

# Муқадимма

Чарогоҳу алафзорҳои табиии Тоҷикистон бештар аз 3,9 млн гектар буда, дар минтақаҳои гуногун - аз водиҳои гармсер то баландкӯҳҳо паҳн шудааст. Иқлиму хокҳои гуногун сабабгори асосии набототи гуногуни чарогоҳу алафзор аст. Дар  таркиби набототи чарогоҳ бештар аз 1000 намуди растаниҳои гулдор – алафҳои яксолаю бисёрсола, буттаю нимбуттаҳо вомехӯранд. Ғизонокии растаниҳои лубиёгӣ ва хӯшадор, ки асоси хӯроки чорво мебошанд, дар чарогоҳҳо баланд аст, чунки дар давраи чаридан чорво растаниҳои хӯрокиро барвақт, дар вақти майсаю навдаронӣ истеъмол мекунанд. Дар ин давра миқдори сафеда дар баргу пояи растаниҳои хӯшадор ба 15-20% мерасад. Дар чарогоҳҳо маҳсулнокии чорво назар ба парвариши оғилӣ 25-40% афзуда, сифати маҳсулот беҳтар ва арзиши асосии он 20-30% кам мешавад. Дар чарогоҳҳо намудҳои гуногуни растаниҳои хӯрданбоб ва ғайри хӯрокӣ вомехӯранд, ки чорво онҳоро истеъмол менамояд. Ҳоло таркиби набототи чарогоҳҳо сахт коҳиш ёфтааст, дар алафзор бештар растаниҳои хордору заҳрнок ва қадпаст мерӯянд. Аз ин лиҳоз, ҳосили умумии алафзор зиёд бошад ҳам, миқдори хӯроки чорво хеле кам аст. Масалан, дар чарогоҳҳои наздикӯҳии аксари ноҳияҳо бештар растаниҳои эфемерӣ, аҷириқ ва гусолачиммак ба чашм мерасад. Ин растаниҳо ба аз меъёр зиёд чаронидани чорво тобоваранд, чунки решаи боқувват доранд, вале ҳосилнокии онҳо назар ба ҷави пиёзакдор, хардума ва гандумак паст аст.

Пурмаҳсул истифодабарии чарогоҳҳо ба хӯрданбобии растаниҳои таркиби алафзор алоқаи зич дорад. Миқдори растаниҳои хӯрданбоб ва сифатнокии онҳо маҳсулнокии чарогоҳро муайян менамояд. Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии вилояти Хатлон растаниҳои беҳтарини хӯроки чорво мерӯянд. Масалан, ҷорӯбак, нахудак, ҷави пиёзакдор, хардума, мунч намудҳои авлоди юнучқа, қатраборон, ва ғайра алафҳои беҳтарини чарогоҳҳои баҳорӣ ва тобистона ба ҳисоб мераванд. Аммо солҳои охир миқдори онҳо дар чарогоҳҳои таназзулёфта хеле кам шудааст.  Шинохтан ва донистани хусусияти биологӣ, экологӣ ва аҳамияти хоҷагии онҳо барои ҳифз ва истифодаи устувори чарогоҳу алафзори табиӣ зарур аст. Ҳамин тавр, донистани растаниҳои ғайрихӯрокӣ, аз он ҷумла растаниҳои шифобахш, ғизоӣ, техникӣ, заҳрнок ва ғайра барои беҳтар кардани истифодабарии чарогоҳҳо кӯмак мерасонад ва самаранокии истифодабарии чарогоҳро беҳтар мегардонад.

# 1. Набототи чарогоҳу алафзори Тоҷикистон



**АВРУК**
*Perovskia scrophulariifolia* Bunge.

# АВРУК
## *Perovskia scrophulariifolia* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Буттаи баландиаш 60 - 120 см буда, пояаш бисёр, рост ва бо мӯякчаҳои сафед пӯшидашуда мебошад. Баргаш байзашакли дурушт буда, ранги гулаш бунафши сафедчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамворию нишебиҳои наздикӯҳии қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, дар манотиқи ҷангалзори гармсер, алафзори саваннамонанд, арчазору даштҳо, заминҳои қумзору санглох, дар баландии 1000 - 2400 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи заҳрнок буда, дар таркибаш то 0,45% равғани эфирӣ дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании техникӣ ва шифобахш буда, миқдори он дар табиат кам шуда истодааст. |
| Сохти наботот | Томиллярҳо. |



**АДРАСМОНИ ТУРКИСТОНӢ**
*Adonis turkestanicus (Korsh.)* Adolf.

## АДРАСМОНИ ТУРКИСТОНӢ
*Adonis turkestanicus (Korsh.)* Adolf.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш 30 - 80 см аст. Пояаш бисёр, рост, сербаргу мӯякдор буда, ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи даштӣ, марғзори субалпӣ, саваннамонанд (камолу юғанзор), хоралаф, дар баландии 2200 - 3200 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Растании заҳрнок буда, дар таркибаш гликозиди адонилин ва алкалоидҳо дорад |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш аст. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ. |



**АНҶИБАРИ ТЕППАГӢ**
*Geranium collinum* Steph.

# АНҶИБАРИ ТЕППАГӢ
## *Geranium collinum* Steph.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсола буда, баландиаш 15 - 30 см аст. Пояаш рост, сершох, борик ва мӯякдор мебошад. Решаи асосиаш ғафс буда, решаҳои пахлугияш дарози борик ҳастанд. Баргаш гирдаки гурдашакл, ба паллаҳо буридашуда ва дорои думчаи дароз мебошад. Гулаш калони бунафшаранг, арғувонӣ ё гулобӣ мешавад. |
| Хӯрданбоб | Чорвои хурд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 1-маротиба моҳи июн-июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ), дар манотиқи набототи марғзор ва даштҳо, дар лаби дарёҳо, заминҳои санглох, дар баландии 800 - 2700 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш (давраи гулкунӣ) дар таркиби худ 9,6% протеин, 2,8% равған, 23,1% бофтаҳои дурушт (клетчатка), 9,4% хокистар ва 55,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво ва шифобахш буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Марғзор, даштҳо. |




# АСАЛРИШҚА
## *Melilotus officinalis (L.)* Pall.

| | |
|---|---|
| Хусусияти био-морфологӣ | Алафи як ё дусола буда, пояаш рости сершох аст ва баландиаш то 2 м мешавад. Баргаш думчадор, себарга, рӯяш суфта, ва аз поён патдор ҳаст. Хӯшагулаш 30 - 75-гула. Гулаш зард ва хӯшбӯ аст. Мевааш (ғилофак) 1 - 2-тухм дорад. Тухмаш байзашакли зардчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ баргу пояи наврустаи онро моли майда мехӯрад. Хошок, тарбеда, силос ва орди алафии онро чорво хуб мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба-моҳҳои апрел-июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар алафзори заминҳои партов ва чарогоҳҳои таназзулёфтаи қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, водиҳои ҷанубу шарқи Тоҷикистон, дар баландии 550 - 2600 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи саваннамонанд, даштӣ, ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, буттазор ва арчазор месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 22,8% протеин, 3,3% равған, 22,8% бофтаҳои дурушт, 10,4% хокистар ва 40,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво, шифобахш, асаловар буда, алафзору хокро серҳосил ва аз шусташавию бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ. |




# АСТРАГАЛИ ПУПИНАКДОР
## *Astragalus corydalinus* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 25 - 70 см буда, хокистарранги кундааш калон аст. Пояаш рости бисёр, қиррадор ва мӯякдор мебошад. Дарозии 5 - 10 см буда, аз 5 - 12 ҷуфт сафҳа ташаккул меёбад. Ранги гулаш зарди хира аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қатркӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи ҷангалзорҳои гармсер, паҳнбарг, арчазор, саваннамонанд (гандумакзор, камолу юғанзор), даштҳо, дар баландии 1300 - 3200 м аз сатҳи бахр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш 21,4% протеин, 1,6% равған, 24,3% бофтаҳои дурушт, 6,0% хокистар ва 46,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво аст. Ӯ нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез мегардонад ва ҳифз менамояд. |
| Сохти набохот | Ҷангалзорҳои паҳнбарг ва саваннамонанд. |



**АСТРАГАЛИ БОРНМЮЛЛЕР**
*Astragalus bornmullerianus* B. Fedtsch.

# АСТРАГАЛИ БОРНМЮЛЛЕР
## *Astragalus bornmullerianus* B. Fedtsch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Буттаи хордор бо баландии 10-20 см буда, сабзи хокистарранг аст, ки қабати болиштмонанди ковокро ташкил медиҳад. Навдаҳои рости кӯтоҳ дорад. Дарозии барғаш 2-5см буда, аз 5-8 ҷуфт сафҳа иборат аст ва ранги гулаш зарди сабзчатоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, Хисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар баландии 2000-3800 м аз сатҳи баҳр дар минтақаҳои саваннамонанд, даштҳо, арчазор, нишебиҳои санглохзор вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании истеъмолнашаванда мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Болиштаки он хокро аз бодлесӣ ва шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Трагакант, хоралаф |




# АСТРАГАЛИ ҒАЛАТӢ
## *Astragalus mirabilis* Lipsky.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 20 - 40 см буда, шохаҳояш оддии дарозиашон 1 - 10 см аст. Дарозии баргаш 15 - 30 см аст, ки аз 15 - 25 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар моҳи апрел-май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи ҷангалзорҳои гармсер, паҳнбарг, арчазор, саваннамонанд, хардумаю гандумакзор, камолу настаранзор, дар баландии 900-2700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 20,0% протеин, 2,6% равған, 24,6% бофтаҳои дурушт, 11,6% хокистар ва 41,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ӯ нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Ҷангалзорҳои паҳнбарг ва гармсер, саваннамонанд. |



**АСТРАГАЛИ СИВЕРС**
*Astragalus sieversianus* Pall.

# АСТРАГАЛИ СИВЕРС
## *Astragalus sieversianus* Pall.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ аст. Пояаш рост, ғафс, сахт, сершох ва бо мӯякҳои зиёди сафед пӯшида шудааст, ки баландиаш 60-150 см мешавад. Дарозии баргаш 15-30 см аст, ки аз 8-12 ҷуфт сафҳа иборат буда, ранги гулаш зарди хира мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи ҷангалзорҳои гармсер, паҳнбарг, арчазор, саваннамонанд, дар баландии 1000-2500 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 17,2% протеин, 2,5% равған, 23,3% бофтаҳои дурушт, 5,0% хокистар ва 52,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил. Ӯ нитрогени ҳavoро ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзорҳои паҳнбарг ва гармсер, саваннамонанд. |




# АСТРАГАЛИ ШМАЛГАУЗЕН
## *Astragalus schmalhauseni* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ буда, баландиаш 30-70 см, пояаш оддӣ, рост, сершох ва бо мӯякчаҳои сафеду сиёҳ пӯшида шудааст. Дарозии баргаш 6-10 см буда, аз 6-12 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Гулаш сафедчаранг аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар гирду атрофи Хуҷанд, қаторкӯҳҳои Туркистон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар минтақаҳои набототи саваннамонанд, ҷангалзорҳои гармсер, паҳнбарг, арчазор, чавдору гандумакзор, камолу юғанзор, дар баландии 400-2100 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 21,6% протеин, 3,0% равған, 21,3% бофтаҳои дурушт, 10,0% хокистар ва 44,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ӯ нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, ҷангалзори гармсер. |




# АСТРАГАЛИ ШУБҲАОМЕЗ
## *Astragalus quisqualis* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш рости сурхчатоб, сахт, сершох, суфта, мӯякҳояш кам ва баландиаш 40-90 см мебошад. Дарозии барғаш 12-18 см аст, ки аз 12-16 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Ранги гулаш зарди хира аст. |
| Хӯрданбоб | Растании хӯроки чорво. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, зимистон (хошок). |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, ҷангалзорҳои гармсер, паҳнбарг, арчазор, набототи саваннамонанд (юғанзор), дар баландии 850-3600 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,6% протеин, 1,5% равған, 25,7% бофтаҳои дурушт, 8,0% хокистар ва 46,2% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзорҳои паҳнбарг ва гармсер, саваннамонанд. |



**АҶИРИҚ**
*Cynodon dactylon (L.)* Pers.

## АҶИРИҚ
## *Cynodon dactylon (L.)* Pers.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи, хӯшадори, худрӯй аст. Пояаш сербарг буда, аз ибтидо ба шохаҳои бисёр тақсим шуда, баландиаш 10-80 см мешавад. Барграш наштаршакли сахт аст. Хӯшагулаш панҷамонанд (ҳар кадомаш аз 3-8 хӯшаҳои борик иборат аст). Аҷириқ дар шароити табии асосан аз реша ва пояаш зиёд мешавад. |
| Хӯрданбоб | Аҷириқро дар чарогоҳ чорво нағз (60-70%) мехӯрад, чун «алафи бермудӣ » машҳур аст. Алафзори он ба чаронидани чорво устувор буда, хошоки он серғизост. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2-3 маротиба дар давоми сабзиш. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои доманакӯҳу миёнакӯҳи қаторкӯҳҳои Қурама, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ бештар вомехӯрад. Дар нишебиҳою пастхамиҳои минтақаҳои хокҳои хокистарранг ва ҷигарранг, шӯрзамин ва манотиқи набототи алафзори саваннамонанд дар баландии 350-1500 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 9,3% протеин, 25,6% бофтаҳои дурушт, 2,5% равған, 6,8% хокистар ва 55,8% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво ва растании шифобахш буда, бо решаҳои турмонандаш хокро аз таназзул ва нобудшавӣ ҳифз мекунад. Ба хушкӣ ва шӯрзамин тобовар аст. Онро барои сабзпӯш кардани аэродромҳо, майдонҳои варзишӣ, гулбоғу хиёбонҳо истифода мебаранд. |
| Сохти наботот | Саванноидҳо. |



**АҶАЛГИЁҲ**
*Aconitum rotundifolium* Kar. et Kir.

# АҶАЛГИЁҲ
## *Aconitum rotundifolium* Kar. et Kir.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсола бо баландии 10 - 65 см буда, пояаш рост, қиррадор ва мӯякдор аст. Баргҳояш панҷаша-кл ва хӯшагулаш ғичилшакли кӯтоҳ буда, ранги гулҳояш бунафшаранг аст. Решааш дорои 2 лӯндаи эллипсшакл мебошад. |
| Хӯрданбоб | Растании заҳрнок аст ва ҳангоми ис-теъмоли он чорво заҳролуд мешавад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар марғзори субалпии қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Помири Шарқӣ, дар баландии аз 3200 то 4400 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Паст. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Дар тиббӣ халқӣ истифода меша-вад, тартибдиҳандаи гуногуншаклии биологӣ буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Марғзор. |




# БАРГИ ЗУФИ НЕШТАРБАРГ
*Plantago lanceolata* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 10 - 80 см буда, баргаш нештаршакли дарозрӯя (дарозиаш 10 - 20 см) ва лаби сафҳа яклухт аст. Тӯдагулаш силиндршакл мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар ҷойҳои сернам, замнҳои партов, чарогоҳҳои таназзулёфта, манотиқи набототи саваннамонанд, ҷангалзори паҳнбарг, марғзори субалпӣ, дар баландии 600 - 3400 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Дар таркиби баргаш алкалоид дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва марғзор. |



**БАРЧАКИ ТУРКИСТОНӢ**
*Leonurus turkestanicus* V. Krecz. et Kuprian.

# БАРЧАКИ ТУРКИСТОНӢ
## *Leonurus turkestanicus* V. Krecz. et Kuprian.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 70 - 200 см буда, пояаш рост ва қирраҳояш суфта мебошад. Дарозии барглаш 6 - 10 см ва паҳниаш 4 - 6 см буда, сафҳаи барг ба паллаҳои фонашакл бурида шудаанд. Дарозии хӯшагулаш 11 - 30 см шуда, ранги гулҳояш гулобии равшан мебошад. |
| Хӯрданбоб | Гиёҳи заҳрнок буда, чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар баландии 1100 - 2800 м аз сатҳи баҳр дар минтақаҳои саванамонанд, марғзор, ҷангалзори паҳнбарг вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Ҳамаи узвҳои растании мазкур дорои алкалоидҳо, гликозидҳо, равғани эфирӣ ва сапонинҳо мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар таркиби алафзор хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангали паҳнбарг, саваннамонанд. |



**БОМАС**
*Avena trichophylla* C. Koch.

# БОМАС
## *Avena trichophylla* C. Koch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи хӯшадор буда, пояи росту баланд (то 120см) дорад, ки донаш баъди пухтан мерезад. Хӯшааш 2-3-тогӣ дон дорад. Донаш калон, дарозрӯя, рангаш сафеди зардчатоб аст. Барграш дароз, ҳамвор, баъзан мӯякчадор буда, хӯшагулаш ҷорӯбак мебошад. |
| Хӯрданбоб | Бомас то гулкунӣ хӯроки хуби чорво мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Мавсим 1 - 2 маротиба: моҳҳои апрел-май, сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳии Тоҷикистони Ҷанубӣ, қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, дар баландии 700 - 2500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи алафзори ҷавдору гандумак, бузгандум, камолу уғанзор, ҷангалзори гармсер месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушки бомас дар мавсими шукуфтани гулаш дар таркиби худ 18,1% протеин, 2,8% равған, 26,6% бофтаҳои дурушт, 12,1% хокистар ва 40,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Бомас яке аз гиёҳҳои хуби хӯроки чорвост. Алафзори бомас дар баҳор аз 1 га 2,5 - 3 т хошок медиҳад. Он алафзорро ҳосилхез ва хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, даштӣ, ҷангалзори гармсер. |



**БУЗГАНДУМИ СЕДЮЙМӢ**
*Aegilops triuncialis* L.

## БУЗГАНДУМИ СЕДЮЙМӢ
*Aegilops triuncialis* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи хӯшадори баландиаш 20 - 50 см буда, пояаш рости луч аст. Баргаш дарози рост ва хӯшааш байзашакли борик буда, дарозиаш 3 - 4 см мешавад. |
| Хӯрданбоб | То мевабандӣ гӯсфанд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | 1 - маротиба моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии қаторкӯҳҳои Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, шибляк, баъзан дар ҷангалзори паҳнбарг, нишебиҳои таназзулшуда, дар баландии 450 - 1900 м аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,8% протеин, 1,9% равған, 32,5% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 45,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, шибляк. |



БЎЙМОДАРОНИ ТАБУЛҒАШАКЛ
*Achillea filipendulina* Lam.

## БЎЙМОДАРОНИ ТАБУЛҒАШАКЛ
*Achillea filipendulina* Lam.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, пояаш рост, миқдоран бисёр ва баландиаш 40 - 150 см мешавад. Баргаш дарози пармонанд, ки ба паллаҳои чуқур бурида шудаанд ва бо мӯякчаҳо пӯшидашуда ҳастанд, мебошад. Растанӣ бӯи нохуш дорад. Гулҳояш зард буда, ба хӯшагули сипаршакл ҷамъ меоянд. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ онро чорвои бемор кам – кам мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳама ноҳияҳоиТоҷикистон (қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Дарвоз, кӯҳҳои Помирва ғ.) мерӯяд. Дар минтақаи ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, арчазор, алафзори марғзори субалпӣ, даштҳо, саваннамонанд, нишебиҳои санглох, назди соҳили дарёҳо, рӯдҳо ва заминҳои партов, дар баландии 1700 - 4000 м аз сатҳи бахр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи бӯйнок буда, дар таркибаш равғани эфирӣ ва моддаҳои даббоғӣ дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш мебошад. Алафзори он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ. |




# Валдирғон (БОЛДИРҒОН)
## *Heracleum lehmannianum* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи чатргул аст, ки пояаш ғафс, дарунаш холӣ ва баландиаш 1 - 3 м мешавад. Баргаш калони бо думчаи дароз (100-120 см) буда, хӯшаҳояш сергул ва ранги гулҳояш сафед мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш ҳамаи намуди чорво онро мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар набототи саваннамонанд, марғзори субалпӣ, ҷангалзори паҳнбарг, дар пастхамиҳои сернами дараҳои кӯҳӣ, дар баландии 1000 - 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,9% протеин, 2,1% равған, 21,2% бофтаҳои дурушт, 20,3% хокистар ва 37,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, зимистон хошоки серғизои чорвои калони шохдор (ЧКШ) аст ва хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Алафзори баланд. |




# ГАНДУМАК
## *Elytrigia trichophora* Nevski.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор буда, баландиаш аз 40 то 100 см мешавад. Баргу пояаш сабзи кабудчатоб буда, барграш борик ва хӯшаи дароз дорад. |
| Хӯрданбоб | Баргу пояи сабз ва алафи хушки онро гӯсфанд, буз, гов ва асп хуб истеъмол мекунад. Дар аввали сабзиш (то саркашӣ ) 50 - 60%-ро чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 1-ум маротиба: нимаи дуюми апрел-май, 2-юм маротиба аз 15 сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои доманакӯҳу миёнакӯҳи қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ бештар вомехӯрад. Дар нишебиҳою пастхамиҳои минтақаи хокҳои ҷигариранг, алафзори саваннамонанди қадбаланд, ҷангалзори паҳнбарги торик, арчазор, дар баландии 900 - 1800 м аз сатҳи баҳр месабзад. Ҷамоаи набототи гандумакзорро ташкил медиҳад. |
| Ғизонокӣ | Гандумак хӯроки хуби чорвост. Дар давраи хӯшабандӣ алафи хушкаш дар таркиби худ 10,8% протеин, 27,0% бофтаҳои дурушт, 2,5% равған, 6,1% хокистар ва 53,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Майдони зиёди гандумакро дарав намуда, хошоки зимистона тайёр мекунанд. Он бо танареша ва решаҳои пурқуввати худ хокро аз шусташавӣ ва алафзори чарогоҳро аз нобудшавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди хӯшадор. |




## ГУЛИГОВАКИ ФАХШУДА
## *Centaurea squarrosa* Willd.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи ду ё бисёрсолаи баландиаш 20 - 70 см буда, пояаш як то ва ё бисёр, қиррадор, сершох, бо мӯякҳо зич пӯшидашуда мебошад. Дарозии баргҳои назди гарданаки реша 15 - 25 см буда, паршакл ҳастанд. Баргҳои поя кӯтоҳтар буда, дарозиашон 3 - 10 см ва паҳниашон 1,5 - 3 мм мебошад. Гулаш майдаи рангаш гулобӣ ё гулобии арғувонӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад, мевааш серхор аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон, дар минтақаҳои ҷангалзори гармсер (шибляк) ва паҳнбарг, набототи саваннамонанд, дашту биёбонҳои баланд-кӯҳ, нишебиҳои регзор, санглохзор, шағалҷойҳо, дар баландии 800 - 3900 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Гули говак гиёҳи ғайри хӯрокӣ аст. Дар нишебиҳо алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангали паҳнбарг, саваннамонанд. |



**ГЎСОЛАЧИМАК**
*Botriochloa ishaemum* (L.) Henr. in Blumea.

# ГЎСОЛАЧИМАК
## *Botriochloa ishaemum* (L.) Henr. in Blumea.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи, худрӯи, хӯшадор аст. Серпояи аҷириқреша буда, баландиаш аз 70 то 100 см мешавад ва дар бехаш чим ташаккул меёбад. Баргу пояаш сабзи сафедчатоб аст. Хӯшагулаш панҷашакл. |
| Хӯрданбоб | Баргҳои наздирешагӣ ва алафи хушки онро асосан гов ва ҳангоми камалафӣ буз ва гӯсфанд истеъмол мекунад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1-ум маротиба – май-июн, 2-юм – сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои доманакӯҳу миёнакӯҳи қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зараф-шон, Ҳисору Дарвоз, мавзеъҳои соҳили дарёи Сир, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, нишебиҳою пастхамиҳои минтақаи хокҳои ҷигариранг, заминҳои санглох, манотиқи набототи алафзори саваннамонанди қадбаланд, ҷангалзори паҳнбарги торик, арчазор, дар баландии 500 - 2300 м аз сатҳи бахр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Миёна. Алафи сабзи он дар таркиби худ 69,3% об, 2,2% протеин, 9,2% бофтаҳои дурушт, 1,0% равған, 2,5% хокистар ва 15,8% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ва нобудшавӣ ҳифз мекунад. Ба хушкӣ ва чорвочаронӣ тобовар аст. Аз решаи он чутка месозанд. |
| Сохти нaботот | Саваннамонанд, даштӣ. |



**ГӮСФАНДХОРАК**
*Ceratocephalus testiculatus* Bess.

## ГӮСФАНДХОРАК
## *Ceratocephalus testiculatus* Bess.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи баландиаш 1 - 10 см буда, бо мӯякҳои сафед пӯшида шудааст. Пояаш борик, бебарг буда, як дона гули зарди сафедча дорад. Мевааш хурд, патдор ва рост буда, нӯгаш қадшуда мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад, чунки заҳрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Дар чарогоҳи таназзулёфтаи баҳорӣ ҳангоми гулкунӣ аз истеъмоли алафи сабзи он чорво заҳролуд мешавад. |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Гӯсфандхорак дар доманакӯҳҳо ва кӯҳҳои паст дар чарогоҳҳои баҳории Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шимолӣ бисёр мерӯяд. Дар манотиқи саваннамонанд (ҷорубаку ғешазор, ҷавдору гандумакзор), шибляк, арчазор, даштӣ, баландии 400 - 2000 м аз сатҳи баҳр вофмехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Мавҷудияти алкалоиди протоанемонин дар таркиби растанӣ сабаби заҳрнок будани он мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Заҳролудшавӣ ва нобудшавии чорвои майда ба хоҷагӣ зарарӣ иқтисодӣ мерасонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, шибляк. |



**ҒАРАБ**
*Arundo donax* L.

## ҒАРАБ
## *Arundo donax* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор аст, ки баландиаш аз 2 то 4 (6) м мешавад. Пояаш ростистода, ғафс (4 см), барғаш нӯгтези калон (бараш 3-6 см, дарозиаш 25 - 30 см) буда, хӯшаи зичи дароз (50 - 70 см) дорад. Тирамоҳ гул мекунад. |
| Хӯрданбоб | Баргу пояи сабз ва алафи хушки онро ҳангоми тайёр кардани хӯрокҳои гуногун гов, асп, буз ва гӯсфанд истеъмол мекунанд. Дар чарогоҳ онро гов бештар мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба медараванд: 1-ум июл, 2-юм – октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар ҷойҳои сернами лаби дарё, ҷӯйбор, чашмаву кӯлҳои ноҳияҳои ҷанубӣ, дар баландии 450 - 900 м аз сатҳи баҳр месабзад. Дар замини обӣ, дар мавсими киштукор 75 - 85 т алафи хушк медиҳад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушки он дар таркиби худ 8,3% протеин, 34,2% бофтаҳои дурушт, 5,3% равған, 5,5% хокистар ва 46,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво, шифобахш ва техникӣ аст. Появу барги он ашёи хом барои истеҳсоли фанер ва ҳамчун маводи биоэнергетикӣ, танаи решаашро дар тиб истифода мебаранд. Фурубарандаи гази карбон аст. |
| Сохти наботот | Саванноидҳо, бузургалаф. |



**ҒАРМАШ (ГУЛИ ХАЙРӢ )**
*Alcea nudiflora* (Lindl.) Boiss.

# ҒАРМАШ (ГУЛИ ХАЙРӢ )
*Alcea nudiflora* (Lindl.) Boiss.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсола буда, пояаш рост, як ё якчандто мешавад, ки баландиаш аз 0,5 то 2 м мешавад. Баргаш калон (паҳниаш 5 - 18 см), гулаш сафеди калон, қифшакл буда, тухмаш сиёҳтоб аст. |
| Хӯрданбоб | Дар зимистон хошоки ғармаш хӯроки бузу гусфандон мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Ғармаш дар аксари ноҳияҳоиТоҷикистон мерӯяд. Бештар дар манотиқи набототи алафдарави чавдору гандумак, марғзори субалпӣ, ҷангалзори паҳнбарг ва гармсер (шибляк) нишебиҳои санглохи доманакӯҳҳо, дар баландии 800 - 3000 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 22,2% протеин, 2,6% равған, 29,8% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 38,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво, асаловар ва ороишӣ буда, ҳосилнокии алафзорро зиёд намуда, хокро ҳифз мекунад. |
| Сохти наботот | Алафзори қадаш баланд. |



ҒЕША

*Carex pachystylis* Gay.

# ҒЕША
## *Carex pachystylis* Gay.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи решааш дарози чимреша буда, пояаш сеқиррадор ва баландиаш 10 - 30 см мешавад. Баргаш борик (дарозиаш 5 - 30 см), хӯшагулаш ромбшакли маллаdensaranг буда, тухмаш сиёҳтоб аст. |
| Хӯрданбоб | Ғеша тез месабзад ва хӯроки хуби ҳамаи чорво мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Дар мавсим чанд маротиба: аз моҳи март то тирамоҳ. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Ғеша асоси набототи саваннамонанди алафзори пасти минтақаи хокаш хокистарранги Осиёи Миёна аст. Дар доманкӯҳҳо ва талу теппаҳои ҷумҳурӣ, дар баландии 300 - 1300 м аз сатҳи баҳр бисёр мерӯяд. Он асосан бо роҳи нашвӣ меафзояд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 22,2% протеин, 2,6% равған, 29,8% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 38,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Алафзори он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти набототт | Саваннамонанд, алафзори қадаш паст. |



**ҒЕШАИ БАДБӮЙНАМО**
*Carex pseudofoetida* Kukenth.

# ҒЕШАИ БАДБӮЙНАМО
## *Carex pseudofoetida* Kukenth.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи баландиаш 10 - 35 см мебошад. Танарешааш дароз, бақувват ва чимаш зич аст. Пояаш даврашакли сеқиррадор буда, баргаш сахти аз пояаш кӯтоҳтар аст. Хӯшагулаш зичи саракмонанд ё дарозак мебошад. |
| Хӯрданбоб | Инкишофи бовусъат дошта, хӯроки хуби ҳамаи чорво мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба - моҳҳои июн-август. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар Қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, дар минтақаҳои набототи шибару мағзори субалпӣ, пастхамиҳои хоки сернам, дар баландии 2400 - 4300 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 17,1% протеин, 5,2% равған, 20,5% бофтаҳои дурушт, 8,5% хокистар ва 48,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар чарогоҳ тобовар буда, алафзори он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзори шибарзамин. |



**ҒЕША ТУРКИСТОНӢ**
*Carex turkestanica* Regel.

# ҒЕША ТУРКИСТОНӢ
## *Carex turkestanica* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи баландиаш 20 - 35 см аст. Дорои навдаҳои борики зеризаминӣ дошта, решааш чими зичро ташкил медиҳад. Пояаш борик, сеқиррадор, дарозии баргаш 5 - 30 см буда, хӯшагулаш аз 3 - 5 хӯша иборат мебошад, ки 2 тоаш гули гарддондор ва боқимондааш гули гардгиракдор мебошад. |
| Хӯрданбоб | Тез месабзад ва хӯроки хуби ҳамаи чорво мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба – моҳҳои апрел-июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон, манотиқи набототи саваннамонанд ва ҷангалзори гармсер (шибляк), дар баландии 900 - 3200 м аз сатҳи баҳр хуб мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 16,7% протеин, 4,5% равған, 27,0% бофтаҳои дурушт, 10,3% хокистар ва 41,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар чарогоҳ тобовар буда, алафзори он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти набодот | Саваннамонанд, шибляк. |



**ҒИЖМАЛОСИ ЭЛЛИПСШАКЛ**
*Heliotropium ellipticum* Ledeb.

## ҒИЖМАЛОСИ ЭЛЛИПСШАКЛ
## *Heliotropium ellipticum* Ledeb.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи баландиаш 20 - 40 см буда, пояаш рости мӯякдор мебошад. Баргаш аз байзашакли дарозрӯя то байзашакли даврамонанд шуда метавонад. Гулҳояш сафеди сершумор мебошанд. |
| Хӯрданбоб | Гиёҳи заҳрнок буда, чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ ғайр аз Помир, дар баландии 1300 - 3000 м, дар минтақаҳои саванамонанд (паст ва баландалаф), шибоғу шӯразор, нишебиҳои санглох, теппаҳои қумзор ва сурххок вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Ҳамаи узвҳои он дорои алкалоидҳо, гликозидҳо, равғани эфирӣ ва сапонинҳо мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ба саломатии инсон ва ҳайвон зарарнок аст. Дар таркиби алафзор хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, дашт. |



**ҒОЗИПИЁЗИ ОЛГА**
*Gagea olgae* Regel.

# ҒОЗИПИЁЗИ ОЛГА
## *Gagea olgae* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи қадаш паст (5 - 10 см) буда, пояаш рости, сербарг аст. Дар бехи пояаш ду барги борики, дарози, бемӯяк дорад. Баргҳои пояаш кӯтоҳ буда, гулаш зарди тиллоранг ҳаст. |
| Хӯрданбоб | Чорвои хурд нағз (60 - 70%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба моҳи апрел. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саваннамонанди алафаш паст ва ҷангалзори гармсер (шибляк), дар баландии 380 - 2600 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,6% протеин, 1,7% равған, 16,4% бофтаҳои дурушт, 6,3% хокистар ва 62,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди алафаш паст. |




## ДОДХОҲИ ШАХШУЛ, ЧОЙКАҲАК
*Hypericum scabrum* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 20 - 60 см буда, миқдори пояаш бисёр аст, ки ноҳамвори шахшул ва қисми поёни-ашон сурхи чӯбшуда ҳастанд. Барграш эллипсшакли борик ва хурд буда, ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Умуман, чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон гиёҳи маъмул аст. Дар минтақаи ҷангал-зори набототи гармсер (шибляк) ва паҳнбарг, марғзор, саваннамонанд, нишебиҳои регию санглох, шағалҷойҳо, дар баландии 1500 - 2700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Барги онро чорвои хурд дар фасли тирамоҳ мехӯрад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Чойкаҳак гиёҳи шифобахш равғани эфирӣ дорад ва хокро аз эрозия ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангали паҳнбарг, саваннамонанд. |



**ДОДХОҲИ СӮРОХДОР, ЧОЙКАҲАК**
*Hypericum perfotatum* L.

## ДОДХОҲИ СӮРОХДОР, ЧОЙКАҲАК
## *Hypericum perfotatum* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 30 - 100 см буда, пояаш рост, сабз, сершоху баргҳояш бисёр ва дорои 2 қирра мебошад. Ранги гулаш зард буда, гулбаргҳояш аз гарддонҳо дарозтар ҳастанд. Баргаш борики эллипсашкл буда, дорои сӯрохиҳои ғадуднок мебошад. Ранги гулҳояш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво онро кам истеъмол менамояд. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон гиёҳи маъмул аст. Дар минтақаҳои набототи чангалзори гармсер (шибляк), паҳнбарг, марғзор, саваннамонанд, нишебиҳои регдор, санглохзор, шағалҷойҳо, дар баландии 600 - 3000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Барги онро чорвои хурд дар тирамоҳ кам-кам мехӯрад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Чойкаҳак гиёҳи шифобахш буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототи | Чангалзори паҳнбарг ва саваннамонанд. |



ЗАРАНДИЗИ ГУНОГУНБАРГ
*Ligularia heterophylla* Rupr.

## ЗАРАНДИЗИ ГУНОГУНБАРГ
### *Ligularia heterophylla* Rupr.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии то 2 м буда, пояаш рости қиррадор аст. Танарешаи кӯтоҳи серреша дорад. Барғаш ғафси чарммонанд, суфта, 2-тои наздирешагиаш калони (дарозиаш 7 - 50 см) эллипсшакл буда, ранги гулаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи чангалзори паҳнбарг, арчазор, алафзору марғзори субалпӣ, камолу юғанзор, хардумаю гандумакзор, дар ҷойҳои сернам, дар баландии 2000 - 3400 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи заҳрнок аст. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайрихӯрокӣ аст. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор ва бузургалаф. |



**ЗАРБАТИ ЗАРАФШОНӢ**
*Euphorbia sarawschanica* Regel.

## ЗАРБАТИ ЗАРАФШОНӢ
## *Euphorbia sarawschanica* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш 15 - 50 см мешавад. Решааш бузург буда, серсар аст. Пояаш рост, муллоим, мӯякдор ё суфта буда, баргаш эллипсшакл, байзамонанд, яклухт ва аз ҳар ду тараф мӯякдор мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи марғзори субалпӣ, саваннамонанд (камолу юғанзор), хоралаф, арчазор, дар нишебиҳои санглох, гилу қумзор, дар баландии 2000 - 3800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Зарбат шираи сафеди ширмонанди заҳрноки эйфорбин дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзори субалпӣ ва саваннамонанд. |




# ЗУФОИ ЗАРАФШОНӢ
## *Hyssopus seravschanicus* (Dubjan.) Pazij.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи бисёрпоя бо баландии 20 - 45 см буда, пояҳояш рости чорқирра-дор ҳастанд, ки бо мӯякчаҳои кӯтоҳ пӯшида шудаанд. Барғаш лансетии дарозшуда ё лансетии мӯякдор буда, ранги гулҳояш кабуд ё бунафшранг мебошад. |
| Хӯрданбоб | Гиёҳи заҳрнок буда, чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, минтақаҳои саванамонанд, марғзор, даштҳо, ҷангалзори паҳнбарг ва нише-биҳои санглохдор дар баландии 1200 - 3000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 0,64-0,67% равғанҳои эфирӣ дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Дар таркиби алафзор хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангали паҳнбарг ва саваннамонанд. |



**ИЗЕН**
*Kochia prostrata* (L.) Schrad.

# ИЗЕН
## *Kochia prostrata* (L.) Schrad.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи баландиаш 10 - 100 см аст, ки пояаш рост, бисёр, сербарг, кабудчатоб ва мӯякхояш зиёд буда, баргаш борик мебошад. |
| Хӯрданбоб | Тамоми сол ҳамаи чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар моҳҳои июн-сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон, дар баландии 400 - 3800 м аз сатҳи бахр пахн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,3% протеин, 2,0% равған, 35,2% бофтаҳои дурушт, 10,6% хокистар ва 38,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Биёбон, дашт. |



**ИСПАНД**
*Peganum harmala* L.

## ИСПАНД
## *Peganum harmala* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсола бо тиррешаи дарози ғафс (то 2 м) буда, пояаш рости шохронда, баргҳояш бурришдор, ранги гулаш зарди сафедчатоб ва ғӯзааш сертухм мебошад. |
| Хӯрданбоб | Растании заҳрнок буда, чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаи алафзори пасти саваннамонанд, ҷанглзори гармсер, дарахтони паҳнбарг, дар канори роҳҳо, ҷӯю дарё, дар қаторкӯҳи Зарафшон, мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Ҳисору Дарвоз, Помири Шарқӣ дар баландии 800 - 2000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар тиби муосир алкалоиди пеганин васеъ истифода мешавад. Испандро чун инсектицид барои нест кардани ҳашаротҳои зараррасон истифода мебаранд. Испандзор хокро аз дифолятсия ҳифз мекунад. |
| Сохти наботот | Биёбон, саваннамонанд. |



**ИСПИРИСИ ЗАРДЧАТОБ**
*Hedysarum flavescens* Regel et Schmalh.

# ИСПИРИСИ ЗАРДЧАТОБ
## *Hedysarum flavescens* Regel et Schmalh.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 25 - 100 см буда, миқдори пояаш якто ё бисёр аст, ки ҷӯякдор ва мӯякдор мебошанд. Дарозии баргаш 10 - 18 см аст, ки аз 3 - 7 ҷуфт сафҳа ташаккул меёбад. Ранги гулаш зард ё зарди сурхчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ, дар набототи саваннамонанд (юғанзор, камолу настаранзор), марғзори субалпӣ, даштӣ ва ҷангалзори паҳнбарг дар баландии 2100 - 3200 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 17,6% протеин, 2,1% равған, 25,5% бофтаҳои дурушт, 7,6% хокистар ва 47,2% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, аз он хошок истеҳсол карда мешавад. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, марғзори субалпӣ. |



**ИСПИРУСИ ЛЕМАН**
*Hedysarum lehmannianum* Bunge.

# ИСПИРУСИ ЛЕМАН
## *Hedysarum lehmannianum* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 10 - 30 см буда, поя надорад ё пояаш кӯтоҳ аст. Дарозии баргаш 10 - 20 см аст, ки аз 6 - 8 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Гулаш бунафшаранг аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қатркӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, юғанзор, камолу настаранзор, субалпӣ, даштӣ, дар баландии 2200 - 3500 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,8 протеин, 2,1% равған, 22,5% бофтаҳои дурушт, 1 1,6% хокистар ва 49,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, даштӣ. |




## КАБУДСАРАКИ КАФҚОЗӢ
*Eryngium caucasicum* Trautv.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи ду ё бисёрсолаи баландиаш то 50 см буда, рангаш сабзи кабудча мебошад. Пояаш якто, рост, дар қисми бологиаш ба шохаҳо тақсимшуда буда, баргаш тунуки хокистарранг аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон (ба ғайр аз Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ ), дар манотиқи ҷангалзори гармсер (пистаю бодомзор), паҳнбарг, алафзори саваннамонанд (ҷавдору гандумакзор), заминҳои партов ва киштукор, лалмӣ, дар баландии 500 - 2200 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғизоӣ ва шифобахш буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набoтот | Ҷангалзори гармсер ва саваннамонанд. |



КАВАРИ ХОРДОР
*Capparis spinosa* L.

# КАВАРИ ХОРДОР
*Capparis spinosa* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш то1 - 2 м буда, решаи рости дарозиаш 10 - 15 м дорад. Миқдори пояҳояш бисёр буда, хобида ва бо мӯяки сафед пӯшида шудаанд. Баргаш байзашакли даврамонанд, эллиптикӣ ва бо мӯяки начандон зиёде пӯшида шудаанд. Ранги гулаш сафед ё баъзан сафеди гулобитоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои ноҳияҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар манотиқи саваннамонанд, ҷангалзори гармсер ва нишебиҳои санглох дар баландии 400 - 1000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Миқдори зиёди он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | — |




# КАМОЛИ КӮҲИСТОНӢ
*Ferula kuhistanica* Korov.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯдрӯй, монокарпик, пояаш рости ғафс буда, баландиаш то 2 м мешавад. Баргҳояш бисёрпаллагӣ, калон (назди решагӣ 60 - 100 см), хӯшагулаш чатршакл ва гулаш зард аст. Мевааш аз ду ниммеваи фишурдаи қирраҳояш ришташакл иборат мебошад. |
| Хӯрданбоб | Тобистон баргашро ва зимистон меваашро чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба тобистон ё тирамоҳ. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Камол дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон (ғайр аз чарогоҳҳои Ашт) мерӯяд. Растании асосии чарогоҳҳои савамонанди алафаш баланд аст. Дар манотиқи набототи юғанзор, ҷангалзори паҳнбарг ва арчазор, дар нишебиҳои санглоху гилнок, дар баландии 1000 - 3500 м месабзад. |
| Ғизонокӣ | Баргҳои хушки камол дар давраи гулкунӣ дар таркиби худ 21,2% протеин, 5,5% равған, 23,1% бофтаҳои дурушт, 9,7% хокистар ва 40,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво, шифобахш, асаловар, манбаъи равғани эфирӣ буда, ҳосилнокии алафзорро зиёд намуда, хокро ҳифз мекунад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди алафаш баланд. |



**КАМОЛИ ТОҶИКӢ**
*Ferula tadshikorum* M. Pimen.

# КАМОЛИ ТОҶИКӢ

## *Ferula tadshikorum* M. Pimen.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи худрӯй. Монокарпик. Баландии пояаш то 120 см шуда, ростистодаи ғафс (қутраш 5 - 8 см) ва камшох аст. Баргаш нарм (аз боло суфта ва аз тагаш патдор), зуд пажмурда мешавад, барги бехи пояаш нисбат ба баргҳои қисми болотари поя хеле калон (дарозиаш то 40 см ) ва думчадор ҳастанд. Хӯшагулаш ҷорубаки васеъ буда, гулаш 5-баргаи рангашон зард аст. |
| Хӯрданбоб | Барг ва меваи онро чорвои хурд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба-моҳҳои апрел-июн, сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии Тоҷикистони Ҷанубӣ (қаторкӯҳҳои Санглох, Хоҷақозиёну Ариқтоғ ва Ғозималик), дар баландии 400 - 1800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи саваннамонанд ва шибляк, алафзори ҷорубак, ҷавдор, ҷангалзори бодом, писта ва арғувон месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 22,8% протеин, 3,3% равған, 22,8% бофтаҳои дурушт, 10,4% хокистар ва 40,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво, шифобахш ва ғизоӣ буда, хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди алафаш баланд. |



**КОВИЛИ МӮЙМОНАНД**
*Stipa capillata* L.

# КОВИЛИ МӮЙМОНАНД
## *Stipa capillata* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор ва бисёр-поя буда, баландиаш 40 - 90 см шуда, чими зич дорад. Барглаш дароз, борики мӯякдор аст. Дарозии хӯшагулаш 14 - 28 см буда, аз хӯшаҳои зиёди хурд иборат аст. Хӯрданбоб Ҳамаи чорво то хӯшабандӣ нағз (60 - 70%) мехӯрад. |
| Хӯрданбоб | Тобистон, тирамоҳ. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои июн-сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Пётри 1 ва кӯҳи Оқтов, манотиқи набототи даштӣ, нишебиҳои санглохдор, дар баландии 1600 - 3100 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Миёна. Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,7% протеин, 2,8% равған, 29,9% бофтаҳои дурушт, 6,2% хокистар ва 52,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ковил дар чарогоҳ устувор аст. Чими он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ. |



**КОСНӢ**
*Cichorium intybus* L.

# КОСНӢ
## *Cichorium intybus* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш 20 - 150 (200) см мешавад. Пояаш рост, мӯякдор, барги назди решагиаш калон, паршакл буда, баргҳои қисми бологии поя хурдтари нишаста ҳастанд. Ранги гулаш кабуди осмонранг мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар минтақаи ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, арчазор, алафзори саваннамонанд, даштҳо, марғзори субалпӣ, камолу юғанзор, хоралаф, дар баландии 400 - 2700 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғизоӣ ва шифобахш буда, дар таркиби решааш моддаи «Инулин» дорад, ки дар тибби муосир аз он доруи «Инсулин» тайёр менамоянд. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг ва саваннамонанд. |



**ҚАЛМОЧ**
*Trichodesma incanum* (Bunge) A. DC.

# ҚАЛМОЧ
## *Trichodesma incanum* (Bunge) A. DC.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи баландиаш 30 - 70 см буда, пояҳояш сершох ҳастанд, ки бо мӯякчаҳои зиёде пӯшида шудаанд. Ранги гулаш аввал сафед ва сипас нилобӣ мешавад. Ҷойгиршавии баргҳо дар поя нишаста буда, шаклашон байзашакл, байзашакли дарозрӯя аст, ки аз ду тараф бо мӯякҳои сафеди патмонанд пӯшида шудаанд. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳоиТоҷикистон (ба ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар минтақи чангалзори набототи гармсер (шибляк), паҳнбарг, саваннамонанд, дашту биёбон, нишебиҳои регдор, санглохзор ва шағалҷойҳо дар баландии 600 - 2900 м аз сатҳи бахр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании заҳрнок буда, дар таркибаш алкалоидҳо дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Қалмоч гиёҳи ғайри хӯрокӣ аст. Хокро серҳосил намуда, аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набодот | Ҷангалзори паҳнбарг ва саваннамонанд. |




# ҚАТРАБОРОНИ БАЛҶУВОНӢ

## *Onobrychis baldshuanica* Sirjaev.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 40 - 80 см буда, пояаш сершох, рост, ғафс, қиррадор ва мӯякчадор аст. Дарозии баргаш 15 - 25 см буда, аз 4 - 6 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Гулаш зарди хира аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи шибляк, саваннамонанд, пистаю бодомзор, ҷавдору гандумакзор, дар баландии 700 - 1700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,9% протеин, 1,1% равған, 25,3% бофтаҳои дурушт, 6,2% хокистар ва 48,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво аст. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез мегардонад ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори гармсер ва саваннамонанд. |



**ҚАТРАБОРОНИ ЗАРАФШОНӢ**
*Onobrychis seravschanica* B. Fedtsch.

# ҚАТРАБОРОНИ ЗАРАФШОНӢ
## *Onobrychis seravschanica* B. Fedtsch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш рост, қиррадор, сершоха аст, ки бо мӯякчаҳои зичи сафед пӯшида шуда, баландиаш 20 - 80 см мешавад. Дарозии баргаш 8 - 20см буда, аз 6 - 8 чуфт сафҳа иборат аст, ки ранги гулаш зарди хира мебошад. |
| Хӯрданбоб | Барои ҳамаи намуди чорво, хусусан гов. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи даштҳо, арчазор, настарanзор, юғанзор, алафзори типчоқу ковил, дар баландии 1800 - 3300 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,0% протеин, 2,7% равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 9,0% хокистар ва 40,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори арча, дашт. |



**ҚАТРАБОРОНИ ЗЕБО**
*Onobrychis pulchella* Schrenk.

# ҚАТРАБОРОНИ ЗЕБО
## *Onobrychis pulchella* Schrenk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ аст, ки пояаш рости қиррадор, сершоха буда, бо мӯякчаҳои маҳин пӯшидашуда ва баландиаш то 120 см мешавад. Дарозии баргаш 5 - 10 см буда, гулаш зарди хира аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Мевагул, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд ва ҷангалзори гармсер, дашт, марғзор, пистазор, бодомзор, дар баландии 450 - 2000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар давраи сабзиш дар таркиби худ 24,4% протеин, 2,6% равған, 20,2% бофтаҳои дурушт, 13,0% хокистар ва 39,8% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти набототт | Ҷангалзори гармсер, саванамонанд. |




# ҚАТРАБОРОНИ ҚАДБАЛАНД

*Onobrychis grandis* Lipsky.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш рост, қиррадор, сершоха ва бо мӯякчаҳои дароз пӯшида шудааст, ки баландиаш 60 - 100 см мешавад. Дарозии баргаш 20 - 50 см аст, ки аз 5 - 11 ҷуфт сафҳа иборат мебошад. Ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Барои ҳамаи намуди чорво хӯроки хуб аст, хусусан барои гов. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, дашт, ҷангалзори гармсер ва паҳн-барг, бодому, ирғайзор, хардумазор, юғанзор, дар баландии 1100 - 2450 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар давраи сабзиш дар таркиби худ 29,2% протеин, 3,4% равған, 21,8% бофтаҳои дурушт, 6,6% хокистар ва 39,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лун-дабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд,ҷангалзори паҳнбарг. |



ҚАТРАБОРОНИ ФАРҒОНАГӢ
*Onobrychis ferganica (Sirjaev)* Grossh.

# ҚАТРАБОРОНИ ФАРҒОНАГӢ
*Onobrychis ferganica (Sirjaev)* Grossh.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш сершох, рост, қиррадор, ковок, суфта ё камтар мӯякчадор аст, ки баландиаш 50 - 80 (100) см мешавад. Дарозии баргаш 8 - 15 см буда, аз 7 - 10 ҷуфт сафҳа иборат аст ва ранги гулаш гулобии хира мебошад. |
| Хӯрданбоб | Барои ҳамаи намуди чорво, хусусан гов. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор,тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар моҳҳои май-июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Шарқӣ, дар манотиқи набототи ҷангалзори паҳнбарг, юғану настаранзор, дар баландии 1750 - 2900 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Ҳоло дар бисёр мавзеҳои Тоҷикистон навъҳои Исиққӯлӣ ва Зиддӣ кишт карда мешавад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 16,9% протеин, 1,8% равған, 34,8% бофтаҳои дурушт, 7,8% хокистар ва 38,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Сермаҳсул, нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг. |



**ҚАТРАБОРОНИ ХУРОСОНӢ**
*Onobrychis chorassanica* Bunge.

# ҚАТРАБОРОНИ ХУРОСОНӢ
## *Onobrychis chorassanica* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо пояи сершоха, рост, сахти қиррадор буда, бо мӯякчаҳои сафеди зардчтоб зич пӯшидашуда аст. Баландиаш 20 - 80 см, дарозии баргаш 8 - 20 см мебошад, ки аз 7 - 9 чуфт сафҳа ташаккул меёбад ва ранги гулаш зарди хира аст. |
| Хӯрданбоб | Барои ҳамаи намуди чорво, хусусан гов. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, ҷангалзори гармсер, ҷавдору бузгандумзор, настарану шивоқзор, дар баландии 850 - 1700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,0% протеин, 2,7% равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 9,0% хокистар ва 40,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез мегардонад ва аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори гармсер, саваннамонанд. |



**ҚАТРОНИ КОЧИ**
*Crambe kotschyana* Boiss.

# ҚАТРОНИ КОЧИ
## *Crambe kotschyana* Boiss.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи қадбаланд (150 - 250 см) аст, ки пояаш рост, сахт, сершох ва мӯякдор мебошад. Баргҳои бехи пояаш калон (40х50 см) буда, ранги гулаш сафед аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, шибляк, ҷангалзори паҳнбарг, пистазор, ҷаву гандумакзор, юғанзор, дар баландии 700 - 2400 м аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 17,3% протеин, 2,3% равған, 20,3% бофтаҳои дурушт, 15,0% хокистар ва 45,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хошоки хуби зимистона аст. Хокро ҳосилхез мегардонад ва аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набодот | Саваннамонанд, шибляк. |



**ҚИЁҚИ СИЛИНДРӢ**
*Imperata cylindrica* (L.) P.B. Agrost.

# ҚИЁҚИ СИЛИНДРӢ
*Imperata cylindrica* (L.) P.B. Agrost.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор бо баландии 25 - 125 см буда, решаҳои хазандаи дароз дорад. Баргаш сахти дарозаш 15 - 50 см буда, хӯшагулаш чорӯбаки силиндршакли рангаш сафед мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш ва алафи хушки онро гов, асп ва гӯсфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои май-июн ва сентябр-октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саваннамонанд (ҷаву гандумакзор), дар баландии 1200 - 1600 м аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Миёна. Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,7% протеин, 2,8% равған, 29,9% бофтаҳои дурушт, 6,2% хокистар ва 52,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Қиёқ дар чарогоҳ устувор аст. Решачими он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саванноидҳо. |



**ҚОҚУИ БИННИДАРОЗ**
*Taraxacum longirostre* Schischk.

## ҚОҚУИ БИННИДАРОЗ
### *Taraxacum longirostre* Schischk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш 10 - 25 см мешавад. Решааш ғафс, як ё бисёрсараи бо боқимондаи баргҳо аст. Дарозии баргаш 10 - 25 см буда, сабзи мӯякдор мебошад. Ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи ҷангалзори паҳнбарг, арчазор, алафзори набототи саваннамонанд, даштҳо, марғзори субалпӣ, камолу юғанзор, хоралаф, дар нишебиҳои санглох, дар баландии 2000 - 3600 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар чарогоҳҳои таназзулёфта зиёд вомехӯрад. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзори субалпӣ ва саваннамонанд. |



**ҚӮТУРГИЁҲИ ЧУНҒОРӢ**
*Scabiosa songarica* Schrenk.

## ҚӮТУРГИЁҲИ ЧУНҒОРӢ
*Scabiosa songarica* Schrenk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 35 - 80 см буда, решааш 2 - 3-сара, пояаш рост, сербарг ва мӯякдор мебошад. Барги назди решагиаш калон, яклухт ва аз ҳар ду тараф бо мӯякҳо пӯшидашуда аст. Ранги гулаш гулобӣ ё гулобии зардчатоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, арчазор, алафзору марғзори субалпӣ, камолу юғанзор, хоралаф, дар ҷойҳои санглох, дар баландии 2800 - 3200 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг ва саваннаманд. |




## ЛЕПТАЛЕУМИ РЕСМОНБАРГ
*Leptaleum filifolium (Willd.)* DC.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи баландиаш 3 - 20 см буда, поячаҳои хурд ва баргҳои борик дорад. Ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Серғизо, ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳҳои апрел. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шимолӣ, дар чарогоҳҳои саванна-монанди алафаш паст, дар баландии 300-1000 м аз сатҳи бахр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 16,5% протеин, 1,9% равған, 34,5% бофтаҳои дурушт, 11,6% хокистар ва 35,8% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво. |
| Сохти наботот | Саванамонанди алафаш паст. |



**ЛИФТОКИ ТОКБАРГ**
*Ampelopsis vitifolia* (Boiss.) Planch.

## ЛИФТОКИ ТОКБАРГ
## *Ampelopsis vitifolia* (Boiss.) Planch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Буттаест, ки шоху навдааш ба рӯи замин мехобад. Навдаҳои яксолааш сурхи чигариранг буда, баргаш давра-шакл, гурдашакл ё дилшакли бемӯяк аст. Ранги гулаш сабз аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, ҷангалзори паҳнбарг, гармсер ва нишебиҳои санглох дар баландии 800 - 1800 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Миқдори зиёди он хокро аз эрозия ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Шибляк. |



**ЛОЛАҚАЗОҚ**
*Roemeria refracta (Stev.)* DC.

# ЛОЛАҚАЗОҚ
## *Roemeria refracta (Stev.)* DC.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи яксола буда, баландиаш 10 - 60 см мешавад. Пояаш рост,борик ва бо мӯякчаҳои каме пӯшидашуда аст. Барги наздирешагиаш калони думчадор буда, дарозиаш то 15 см мешавад. Гулаш калони сурх буда, дар бехаш доғи сиёҳ дорад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ ) дар манотиқи набототи аз саванамонанди пасталаф то баландкӯҳ, алафзори эфемеруэфемероидҳо, заминҳои партов, буттаю дарахтзор, дар баландии 700 - 2800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Растании заҳрнок аст. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Лолақазоқ дар таркибаш алкаллоиди ремарин дорад. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк. |



**МАРГИ МОҲИ**
*Verbascum songaricum* Shrenk.

# МАРГИ МОҲИ
## *Verbascum songaricum* Shrenk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи дусола ё бисёрсолаи баландиаш 45 - 150 см буда, пояаш рости давращакл ё кунҷдор аст. Баргҳои поёнии поя калон буда, дарозиашон 10 - 32 см, паҳниашон 3 - 11 см аст, ки одатан нишаста мебошанд. Ранги гулаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Гиёҳи заҳрнок аст. Ҳамаи узвҳои он (барг, поя, гул, мева, реша) алкалоиди анабазин ва плантагонин дорад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар баландии 700 - 2600 м аз сатҳи баҳр дар манотиқи набототи саванамонанд, марғзор, даштҳо, тархуну юғанзор, ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, нишебиҳои регдор, санглохзор ва шағалҷойҳо вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Паст, чорво намехӯрад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Марги моҳиро дар тиббӣ халқӣ истифода мебаранд. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набото | Ҷангалзори паҳнбарг ва саваннамонанд. |



МАРЗ
*Incarvillea olgae* Regel.

## МАРЗ
## *Incarvillea olgae* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш то 150 см мешавад. Пояаш бисёр, рост, суфта ва сербарг аст. Ранги гулаш гулобии арғувонитоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои каторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи набототи шибляк, саваннамонанд, даштҳо, лифтокзор, дар баландии700 - 2800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ороишӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Шибляк ва саваннамонанд. |



МАРЗАНГӮШИ БАЛАНДКӮҲӢ
*Myosotis alpestris* F.W. Schmidt.

## МАРЗАНГӮШИ БАЛАНДКӮҲӢ
*Myosotis alpestris* F.W. Schmidt.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи баландиаш 10 - 30 см буда, пояаш рост, борик ва сермӯяк аст. Баргаш хокистарранг буда, ранги гулаш кабуди равшан мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорвои хурд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон (баландии 3000 - 3600 м), Помири Шарқӣ – 3700 - 4200 м аз сатҳи баҳр, дар манотиқи набототи марғзор, даштҳо ва чарогоҳои алпӣ вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,6% протеин, 1,7% равған, 16,4% бофтаҳои дурушт, 11,3% хокистар ва 57,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор, даштӣ. |



**МАРҶОНГУЛАКИ КОБУЛӢ**
*Erigeron cabulicus* Boiss.

# МАРҶОНГУЛАКИ КОБУЛӢ
## *Erigeron cabulicus* Boiss.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 5 - 30 см буда, пояаш рост, камшох, сербарг ва бо мӯякчаҳо пӯшидашуда аст. Баргҳои назди решагиаш калон (дарозиаш то 12 см) буда, ранги гулаш зард тиллоранг мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорвои хурд онро нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи чарогоҳҳои баландкӯҳи Тоҷикистон, дар минтақаҳои ҷангалзори паҳнбарг, арчазор, алафзору марғзори субалпӣ, саваннамонанд (камолу юғанзор), даштҳо, хорзор (трагакантҳо), биёбони баландкӯҳ, дар нишебиҳои серхоку қумзор ва санглох, дар баландии 2000 - 4000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 16,1% протеин, 2,4% равған, 20,2% бофтаҳои дурушт, 12,9% хокистар ва 48,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ ва саваннамонанд. |



**МАСТАК**
*Thermopsis dolichocarpa* V.Nikit.

# МАСТАК
## *Thermopsis dolichocarpa* V.Nikit.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсола аз оилаи лубиёгиҳо буда, баландиаш 50 - 80 см мешавад. Пояю шохчаҳояш ҷӯякчадор буда, бо пати сафедтоб пӯшида аст. Гулҳояш калони зард, тухмаш маллараги зардчатоби дарозрӯя мебошад. Мастак аз тухм ва бо роҳи нашвӣ зиёд мешавад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад, чунки заҳрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Растании мазкур дар минтақаҳои кӯҳсори Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд ва даштҳои сералафи кӯҳӣ, дар баландии 950 - 2800 м мерӯяд. Бештар дар гирду атрофии деҳот ва чарогоҳҳои таназзулёфта паҳн шудааст. |
| Ғизонокӣ | Растании заҳрнок мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Баргу пояи мастак ашёи хоми, пуркимати, шифобахш дар саноати дорусозӣ аст. Он нитрогени ҳavoро ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг, саваннамонанд. |




## МОМОЧУЧУКИ ТОТОРӢ
*Ixiolirion tataricum (Pall.)* Herb.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи баландиаш 15 - 60 см буда, решааш пиёзаки бай-зашакл ва пояаш суфта аст. Барграш дарози борик буда, тӯдагулаш камгул ва ранги гулаш бунафштоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи апрел. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Мевагул, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи биёбон, саваннамонанд, ши-бляк (пистаю бодомзор), дар баландии 380 - 2300 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,9% протеин, 3,1% равған, 25,3% бофтаҳои дурушт, 6,2% хокистар ва 51,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Растании ғизоӣ, шифобахш ва хӯроки чорво мебошад. |
| Сохти набодот | Саваннамонанд ва шибляк. |



**МОРТУК**
*Eremopyrum bonaepartis* Nevski.

# МОРТУК
*Eremopyrum bonaepartis* Nevski.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи хӯшадор, эфемер, баландиаш 10 - 30 см, бисёрпоя, баргаш борики нӯгтез буда, хӯшааш кӯтоҳи зич аст. |
| Хӯрданбоб | Мортук дар чарогоҳи баҳорӣ хӯроки хуби чорвои хурд мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Дар мавсим 2 маротиба: моҳҳои март-апрел ва октябр |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои назди кӯҳии катор-кӯҳҳои Туркистон ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар баландии 350 - 1000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи алафзори қадпасти савана-монанд, ҷорубаку ғеша, бузгандум, ҷангалзори гармсер месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 19,8% протеин, 2,8% равған, 22,0% бофтаҳои дурушт, 8,3% хокистар ва 47,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Мортук солҳои сербориш ҳосили алафзори ғешаю ҷорубакро зиёд мекунад. Он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди алафзори қадпаст. |



**МУЛКАК, СИДИРИК**
*Lathyrus mulkak* Lihsky.

# МУЛКАК, СИДИРИК
*Lathyrus mulkak* Lihsky.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Мулкак гиёҳи бисёрсола мебошад, ки ба оилаи лубиёгиҳо мансуб аст. Баландиаш 65 - 120 см буда, пояаш сершоха, барғаш мураккаб (аз 2 - 4 ҷуфт сафҳа), хӯшагулаш аз 2 - 6-гул ташаккул ёфта, гулаш калони сурх ё бунафшаранги сурхчатоб аст. Мевааш ғилофак аст, ки аз 4 - 6 тухми рангашон ҷигариранги холдор иборат мебошад. |
| Хӯрданбоб | Мулкак ғизогии хуби гову асп мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | тобистон, тирамоҳ, зимистон (хошок). |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба пеш аз гулкунӣ дар моҳҳои июн-июл ва 2-юм маротиба – дар фасли тирамоҳ (сентябр). |
| Ареал ва маҳалли рушд | Растании хоси (эндемии) Помиру Олой аст. Асосан дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз дар манотиқи набототи ҷангалзори паҳнбарг, арчазор, даштҳо, алафзори юғану торон, нишебиҳои регу санглох ва ғайра, дар баландии 1200 - 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкшудаи он, ки дар марҳилаи шукуфтани гулаш ҷамъоварӣ кара шудааст (ин барои растаниҳои дигар ҳам дахл дорад), дорои чунин моддаҳо мебошад: 26,8% протеин, 1,5% равған, 27,0% бофтаҳои дурушт 7,7%, хокистар ва моддаҳои қиёмии бенитроген 37,0%. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳои решааш дар худ ҷамъоварда, хокҳои чарогоҳҳои таназзулёфтаро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд (уғанзор), ҷангали паҳнбарг, арчазор. |


**МУНДАЛОҚИ АНБӮҲҲОР**
*Scorzonera acanthoclada* Franch.

# МУНДАЛОҚИ АНБӮҲҲОР
*Scorzonera acanthoclada* Franch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи баландиаш 15 - 40 см аст, ки миқдори пояаш бисёри кӯтоҳ, печида, шохаҳояш хормонанд ва бо мӯякчаҳои кӯтоҳ пӯшида мебошад. Барғаш дарозрӯяи борик буда, ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Бузу гӯсфанд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июн. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои баландкӯҳи Тоҷикистони Марказӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи набототи даштҳо ва трагакант (хоралаф), дар баландии 2800 - 4000 м аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 13,8% протеин, 4,7% равған, 22,0% бофтаҳои дурушт, 10,0% хокистар ва 49,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки гӯсфанду буз дар чарогоҳои тобистона буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ ва хоралаф. |



**МУНЧИ ТУНУКБАРГ**
*Vicia tenuifolia* Roth.

# МУНЧИ ТУНУКБАРГ
## *Vicia tenuifolia* Roth.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш часпак, чорқиррадор, сершох ва бо мӯякчаҳои кӯтоҳ пӯшидашуда аст, ки баландиаш 40 - 160 см мешавад. Дарозии баргаш 7 - 20 см буда, аз 6 - 12 ҷуфт сафҳа иборат аст. Ранги гулаш бунафши кабудчатоб ва сафед мебошад. |
| Хӯрданбоб | Серғизо, ҳамаи чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар моҳҳои май-июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд (юғанзор), ҷангалзорҳои паҳнбарг ва арчазор, марғзор, даштҳо, дар баландии 1100 - 3300 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,5% протеин, 2,4% равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 7,0% хокистар ва 41,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳро ҳосилхез ва хокро ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, марғзор, ҷангалзори паҳнбарг. |



**МУШКМӮЯ**
*Psoralea drupacea* Bunge.

## МУШКМӮЯ
*Psoralea drupacea* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи баландиаш 70 - 130 см буда, пояаш сершохи рост аст, ки бо мӯякҳои муллоим ва ғадудчаҳо пӯшида шудааст. Баргҳояш думчаи кӯтоҳ дошта, даврашакл ё эллипсшакл ҳастанд, ки аз поён бо мӯякҳо пӯшида мебошанд. Ранги гулаш бунафши, пасти, тирраранг аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ дар манотиқи саванамонанд, шибляк, пастхамиҳои наздикӯҳӣ ва нишебиҳои сафедхок дар баландии 400 - 1400 м аз сатҳи бахр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Заҳрнок аст. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Дар таркиби меваи он фурокумарин зиёд аст, ки барои истеҳсоли доруи «псорален» истифода мебаранд. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд. |



**НАХУДАК, АСТРАГАЛИ ОҶИНГМЕВА**
*Astragalus rytilobus* Bunge.

# НАХУДАК, АСТРАГАЛИ ОҶИНГМЕВА
## *Astragalus rytilobus* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи эфемерӣ буда, ба оилаи лубиёгҳо мансуб мебошад. Пояаш ростистодаи сершох буда, баландиаш 35 - 60 см мешавад. Растании мазкур дорои гулҳои рангашон зард ва бунафшатоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Нахудак алафи беҳтарини чарогоҳҳои баҳорӣ ва алафдаравҳо буда, барои ҳамаи намуди чорво хӯроки серғизо мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Истифодабарии самараноки алафзори нахудак як маротиба пас аз гулкунӣ дар моҳҳои апрел- май ва 2-юм карат – дар фасли тирамоҳ мебошад. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Нахудак дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ, дар ҳамвориҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар баландии 400 - 2000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Солҳои сербориш дар чарогоҳҳои баҳории вилояти Хатлон, нахудак бештар аз 40% ҳосили умумии алафзорро ташкил медиҳад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 21,1% протеин, 4,6% равған, 21,1% бофтаҳои дурушт, 5,0% хокистар ва 48,2% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳои решааш дар худ ҷамъоварда, хокҳои чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанди алафзори қадпаст. |




## ПАРПИГУЛИ ОЛИВЬЕ
*Gentiana olivieri* Griseb.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш 10 - 40 см ва пояаш рост (то 5 см) аст, ки бо боқимондаи баргҳои соли сипаригашта пӯшида шудааст. Дарозии барги назди решагии он то 10 см буда, гулаш кабуд ё кабуди бунафштоб мешавад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон, дар манотиқи ҷангалзори гармсер, пахнбарг, алафзори саваннамонанд, марғзори субалпӣ, даштҳо, дар баландии 300 - 3700 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи заҳрнок аст. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш аст. Хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ ва саваннамонанд. |



**ПИЁЗИ ФЕДЧЕНКО**
*Allium fedtschenkoanum* Regel.

# ПИЁЗИ ФЕДЧЕНКО
## *Allium fedtschenkoanum* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 10 - 80 см буда, пояаш ғафс, рост ва бо думчаи барг пӯшидашуда мебошад. Барграш дароз, силиндршакл, давра-шакли дарунаш холӣ аст. Тӯдагулаш байзашакл буда, ранги гулаш зард аст, ки дертар сурхчатоб мешавад. |
| Хӯрданбоб | Чорво (гӯсфанд ва асп) нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Шарқӣ, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи, марғзори субалпӣ ва алпӣ, даштҳо, арчазор, дар баландии 2600 - 4000 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 19,7% протеин, 3,3% равған, 21,2% бофтаҳои дурушт 10,9% хокистар ва 41,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғизоӣ, шифобахш ва хӯроки чорво аст. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзори алпӣ. |




# ПУДИНАИ ОСИЁЙ
*Mentha asiatica* Boriss.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии то 150 см буда, пояаш бисёр ва рости сершох мебошад. Танарешаи хазанда дорад. Баргу пояаш бо мӯякчаҳо пӯшидашуда буда, ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору, Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, ҷангалзоригармсер, паҳнбарг, арчазор, алафзору марғзори субалпӣ, дар ҷойҳои сернам, лаби дарёву ҷуйбор, дар баландии 800 - 3500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи бӯйнок буда, дар таркибаш равғанҳои эфирӣ дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти нaботот | Марғзор ва саваннамонанд. |



**РАЙГРАСИ МУҚАРРАРӢ**
*Lolium perenne* L.

## РАЙГРАСИ МУҚАРРАРӢ
*Lolium perenne* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор буда, баландиаш 15 - 80 см шуда метавонад. Патакрешааш зичи ғавсиаш то 5 см мешавад. Барғаш нарм, ҳамвор ва суфта мебошад. |
| Хӯрданбоб | Баргу пояи ҷавони он хӯроки серғизои ҳамаи чорво аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 3 маротиба дар чарогоҳҳои миёнакӯҳӣ. Дар заминҳои сернам ва обӣ бошад, вобаста ба сабзиши алафзор ва шиддатнокии чаронидани чорво. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои миёнакӯҳи қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Пётри 1 дар баландии 900 - 2800 м аз сатҳи бахр паҳн гардидааст. Дар ҷойҳои сернами манотиқи набототи саваннамонанд, шибляк, марғзор, даштӣ месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 22,8% протеин, 3,3% равған, 22,8% бофтаҳои дурушт, 10,4% хокистар ва 40,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании хӯроки чорво ва ороишӣ (асосӣ барои газонсозӣ ). Алафзори он хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор. |




# РЎБОҲДУМИ ЗАРАФШОНӢ
*Alopecurus seravschanicus* Ovcz.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хўшадор буда, баландиаш 60 - 100 см мешавад. Пояаш рост, сербарг, суфта буда, паҳнии барграш 0,5 - 0,8 см, аз тарафи поёнаш ноҳамвор ва тарафи болояш мўякдор аст. Дарозии хўшааш то 10 см мешавад. |
| Хўрданбоб | Ҳамаи чорво нағз (60 - 75%) мехўрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба- моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои баландкўҳи қатор-кўҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистон Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи марғзор, даштҳо, субалпӣ, дар ҷойҳои сернам, дар баландии 2000 - 3600 м аз сатҳи баҳр вомехўрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 9,3% протеин, 2,7% равған, 25,9% бофтаҳои дурушт, 8,2% хокистар ва 53,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Серҳосил аст. Кишт карда мешавад. Чими он хокро аз эрозия ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор. |



**САКСАВУЛИ СИЁҲ**
*Haloxylon aphyllum* (Minkv.) Iljin.

# САКСАВУЛИ СИЁҲ
## *Haloxylon aphyllum* (Minkv.) Iljin.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Дарахти начандон баланд (2 - 5 м) аз оилаи шураиҳо мебошад, ки пояаш хокистарранг, шакли бaргаш дигаргуншуда (редутсия) ва гулумеваaш хурд аст. Моҳи май гул мекунад ва октябр меваaш мепазад. |
| Хӯрданбоб | Мева ва баргу навдаҳои яксолаи саксавулро бузу гӯсфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба – моҳҳои декабр-феврал. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар шӯрзаминҳои соҳили дарёи Сир ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар баландии 350 - 700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Ба хушкӣ, шӯрзамин ва хокҳои гаҷдор тобовар аст. |
| Ғизонокӣ | Баргу пояи яксолааш дар таркиби худ 14,7% протеин, 3,9% равған, 21,9% бофтаҳои дурушт, 11,3% хокистар ва 50,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво ва маводи сӯзишворӣ (ҳезум) буда, барои ҳосилхез кардани чарогоҳҳои биёбон, шӯрзамин ва бунёди хатти бешазори муҳофизатӣ истифода мебаранд. |
| Сохти наботот | Туғайзор. |




# СЕБАРГАИ САФЕД
## *Trifolium repens* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ. Баландии пояаш 10 - 30 см буда, ба замин мехобад. Думчаи баргаш дароз, хӯшагулаш мудаввар ё сафед буда, аз 30 - 80 гул иборат аст. Тухмаш даврашакли маллаfamiл мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ хӯроки хуб буда, ба чаронидани чорво устувор аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар давраи сабзиш ва 1 маротиба дар фасли тирамоҳ. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои сернами қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ ва дигар мавзеъҳо, дар баландии аз 400 то 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар минтақаҳои набототи саваннамонанд, чангалзори паҳнбарг, марғзор ва даштзор вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушки он, ки дар мавсими гулкуниаш ҷамъоварӣ шудааст дар таркиби худ 18,5% протеин, 5,2% равған, 18,8% бофтаҳои дурушт, 13,0% хокистар ва 44,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Себаргаи сафед яке аз гиёҳҳои беҳтарини чарогоҳӣ буда, гулаш сершаҳд ва асалоавар аст. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо ҷамъ оварда, чарогоҳро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Марғзор. |




# СЕБАРГАИ СУРХ
*Trifolium pratense* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, баландии пояаш 20 - 60 см мешавад. Пояаш ростиистодаи дорои шоху баргҳои бисёр ва бо мӯякчаҳо пӯшидашуда мебошад. Барглаш гирддоғи секунҷа дорад. Хӯшагулаш сурхтоб, аз 30 - 70 гул иборат аст. Тиррешааш рости ғафс аст. |
| Хӯрданбоб | Ба ҳамаи намуди чорво хӯроки хуб мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба дар давраи сабзиш, баъд дар фасли тирамоҳ. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамвориҳо ва каторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ, дар баландии аз 400 то 2500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи саваннамонанд, ҷангалзори паҳнбарг марғзору даштӣ вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 23,1% протеин, 2,3% равған, 17,7% бофтаҳои дурушт, 9,0% хокистар ва 47,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Себаргаи сурх яке аз гиёҳҳои беҳтарини хӯроки чорво, шифобахш ва асаловар мебошад. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Марғзор. |



**СИДИРКИ БЕБАРГЧА**
*Lathyrus aphaca* L.

# СИДИРКИ БЕБАРГЧА
## *Lathyrus aphaca* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ. Эфемер. Пояаш рости чоркиррадор буда, мӯйлабчаи часпак дорад. Баландиаш 15 - 60 см мешавад. Дарозии барграш 3 - 6 см буда, дар нӯгаш часпак дорад. Гулаш зарди сафедчатоб аст. Ғилофаки он 7 - 8 дона тухми сиёҳи дилмо-нанд дорад. |
| Хӯрданбоб | Сидиркро ҳамаи намуди чорво (70 - 80%) мехӯранд. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба пеш аз гулкунӣ дар моҳҳои апрел- май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Сидирк дар ҳамвориҳо ва қаторкӯҳҳои Тоҷикистони Чанубӣ (Вахш, Сурххок, Рангон, Тереклитоғ ва ғайра), дар баландии 700 - 2500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар чарогоҳҳои вилояти Хатлон дар алафзори чавдор, гандумак, бомус, чангалзор гармсер вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушки он дар таркиби худ 23,3% протеин, 4,2% равған, 25,6% бофтаҳои дурушт, 10,0% хокистар ва 37,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Сидирк яке аз гиёҳҳои беҳтарини хӯроки чорвост. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ чамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд. |



СИДИРКИ ЧАМАНӢ
*Lathyrus pratensis* L.

# СИДИРКИ ЧАМАНӢ
## *Lathyrus pratensis* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 20 - 80 см буда, пояаш рост, қиррадор, сершох ва суфта мебошад. Дарозии баргаш 4 - 8 см буда, аз 1 ҷуфт сафҳа иборат аст. Дарозии думчаи сафҳа 1 - 3 см мебошад, ки нӯгаш бо печак ба охир мерасад. Ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво онро нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Курама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи набототи шибару марғзор, ҷангалзори паҳнбарг ва гармсер дар баландии 1100 - 3000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 19,4 % протеин, 3,6% равған, 28,3% бофтаҳои дурушт, 8,0 % хокистар ва 40,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез мегардонад ва аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор. |



**СИЧИ КАЛОН**
*Eremurus robustus* Regel.

# СИЧИ КАЛОН
## *Eremurus robustus* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола буда, баландиаш то 2 м мешавад. Пояаш рости суфта, решааш пиёзак, баргаш тасмашакли дарозиаш 40 - 80 см буда, ранги гулаш гулобии сафедчатоб аст, ки ба хӯшагули дарози сергул (дарозиаш то 100 см) ҷамъ мешаванд. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи чангалзори паҳнбарг, арчазор, марғзори субалпӣ, камолу юғанзор, дар заминҳои санглоҳу регзор, дар баландии 1600 - 3100 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ороишӣ ва ғайри хӯрокӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор ва бузургалаф. |




## СИЧИ ҲИСОРӢ
## *Eremurus hissaricus* Vved.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии то 100 - 180 см буда, пояаш рост ва суфта аст. Баргаш тасмашакл ва дарози васеъ буда, рангаш кабудча мебошад. Ранги гулаш ҷигарранги гулобитоб аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, дар манотиқи ҷангалзори паҳнбарг, настаранзор, арчазор, камолу юғанзор, дар заминҳои санглоху регзор, дар баландии 2300 - 3000 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ ва саваннамонанд. |



**СУС (ШИРИНБИЯ)**
*Glycyrrhiza glabra* L.

# СУС (ШИРИНБИЯ)
## *Glycyrrhiza glabra* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 50 - 150 см буда, пояаш рости мустаҳкам, сершох ва бо мӯякҳои нағандон зиёд пӯшида мебошад. Барграш парншакли тоқ бо дарозии 5 - 20 см буда, аз 3 - 8 ҷуфт сафҳаҳоии дарозрӯяи байзашакл ташаккул меёбад. Ранги гулаш бунафши сафедчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, бештар назди соҳили дарёҳо, доманакӯҳҳо, манотиқи саваннамонанди пасталаф, шибляк ва туғайзор дар баландии 350 - 1600 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Сус гиёҳи шифобахш ва техникӣ аст. Алафзори он хокро ғаннинок гардонида, аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк. |



**СЎЗОКГИЁҲИ БУТТАНАМО**
*Phlomis cashmeriana Roele ex Benth.*

# СЎЗОКГИЁҲИ БУТТАНАМО
## *Phlomis cashmeriana Roele ex Benth.*

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 60 - 80 см буда, пояаш рост, чоркир-радор ва қисми бологиаш сершоху мӯякдор аст. Баргҳои назди решагиаш калони мӯякдор (дарозиашон то 20 см) буда, хӯшагулаш 18 - 20 гул дорад ва ранги гулҳояш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зараф-шон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набо-тоти шибляку саваннамонанд, ҷангали паҳнбарг, марғзори субалпӣ, даштҳо, камолу юғанзор, дар баландии 1300 - 3700 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Растании истеъмолнашаванда буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Саваннамонанд ва даштӣ. |




# СӮЗОКГИЁҲИ БУХОРОӢ
## *Phlomis bucharica* Regel.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 40 - 60 см буда, пояаш рост, сершох, баргаш зиёд ва бо пат пӯшидашуда мебошад. Хӯшагулаш 2 - 8 гул дошта, ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳи зимистонӣ гӯсфанд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳҳои декабр-январ. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд (ҷорубаку ғешазор, эфемеретум), шибляк, дар нишебиҳои хокӣ, лёсс, дар баландии 500 - 1900 м аз сатҳи бахр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар давраи мӯғчабандӣ дар таркиби худ 10,4 % протеин, 4,8% равған, 26,3% бофтаҳои дурушт, 6,3% хокистар ва 52,2% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк. |




# ТАҚ ТАҚ, ҶАВИ ЁБОӢ
## *Hordeum spontaneum* C. Koch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи яксолаи хӯшадор буда, баландиаш аз 30 то 100 (130) см мешавад. Барглаш борик ва гулаш дуҷинса буда, донаи сӯкдори зардтоб дорад. Донаш калони ҷавмонанд аст. |
| Хӯрданбоб | Баргпояи тақ тақ то саркашӣ серғизо буда, чорво онро нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар алафзорҳои наздикӯҳии Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубӣ, дар баландии 400 - 1800 м мерӯяд. Дар манотиқи набототи саваннамонанд ва шибляк (пистазор) вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар давраи сабзиш дар таркиби худ 11,8% протеин, 2,7% равған, 23,0 бофтаҳои дурушт, 12,2% хокистар ва 50,3% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Тақ тақ растании серҳосил буда, хокро аз эрозия ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Саваннамонанд, эфемеретум. |



**ТАЛХАК**
*Acroptilon repens* (L.) DC.

# ТАЛХАК
## *Acroptilon repens* (L.) DC.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсола буда, пояаш ростистодаи сершоху барг мебошад. Барглаш пармонанди лабаш резадор аст. Ранги гулаш гулобӣ буда, решааш пурқуввати дароз (то 6 м ) мешавад. |
| Хӯрданбоб | Растании захрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳаморӣ ва чарогоҳҳои наздикӯҳии қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, дар баландии аз 350 то 3600 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи набототи саваннамонанд, чангалзори паҳнбарг, заминҳои партов вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,5% протеин, 5,2% равған, 18,8% бофтаҳои дурушт, 13,0% хокистар ва 44,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Чоруб, гуногуншаклии биологӣ, ҳифзи хок. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, даштӣ. |



**ТАЛХАКБУЯ**
*Vexibia alopecuroides* (L.) Jakovl.

## ТАЛХАКБУЯ
## *Vexibia alopecuroides* (L.) Jakovl.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 40 - 90 см буда, пояаш рост, камшох ва мӯякдор аст. Баргаш аз 11 - 14 чуфт сафҳа иборат мебошад. Гулҳояш зарди хира буда, ба хӯшагулҳои зичи ғичилмонанд ҷамъ омадаанд. |
| Хӯрданбоб | Растании захрнок аст ва чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шимолӣ, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ, манотиқи набототи саваннамонанди пасталаф, биёбони шибоху шӯрак ва туғайзор дар баландии 500 - 1700 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Талхакбуя гиёҳи шифобахш аст. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти нabотот | Саваннамонанд. |



**ТАРХУН**
*Artemisia dracunculus* L.

# ТАРХУН
## *Artemisia dracunculus* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола аст, ки пояаш рости сершох буда, баландиаш то 100 см мешавад. Баргаш нештаршакл ё баъзан сепарра аст. Хӯшагулаш чорубак, зарди сафедчатоб ва тухмаш хурд (вазнаш 1000 донааш 0,17 г ) мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар тирамоҳ ва зимистон баргу поя ва меваи онро чорво хуб (30 - 40%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба-моҳҳои сентябр - октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон (қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Дарвоз, кӯҳҳои Помир ва ғ.) мерӯяд. Дар манотиқи набототи ҷангалзори паҳнбарг, арчазор, алафзори субалпӣ, даштӣ, саванмонанд, нишебиҳои санглохдор (1700 - 4000 м) вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар давраи сабзиш дар таркиби худ 22,8% протеин, 3,3% равған, 22,8% бофтаҳои дурушт, 10,4% хокистар ва 40,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании мазкур хӯроки чорво аст. Алафзори он хокро аз шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти набототи | Даштӣ. |




# ТЕРЕСКЕН

## *Ceratoides fruticulosa* (Pazij) Czer.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Буттачаи баландиаш 20 - 50 см мебошад, ки баргаш дарозрӯяи мӯякчадор ва думчааш кӯтоҳ буда, гулаш хурди дуҷинса аст. Мевааш мӯякчадор мебошад. |
| Хӯрданбоб | Барг пояи терескенро буз, гусфанд, асп ва шутур, дар давоми сол (то 100 %) истеъмол менамоянд. Хӯроки хуби қутос аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Ҳамаи фасли сол. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба – тирамоҳ, зимистон. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар Помири Шарқӣ, баландии аз 3000 то 4400 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар Помир зиёда аз 1 млн. га терескензор ҳаст. Он чарогоҳи беҳтарин барои қутос ба ҳисоб меравад. Дар маҳалҳои санглоху регзор, дашт ва биёбон мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 20,8% протеин, 3,3% равған, 28,8% бофтаҳои дурушт, 13,5% хокистар ва 33,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Терескен растании хуби хӯрокаи чорвост. Алафзори он наботот ва хокро аз нобудшавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Биёбон, дашт. |



**ТОРОН**
*Polygonum coriarium* Grig.

# ТОРОН
## *Polygonum coriarium* Grig.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи худрӯи бисёрсола буда, пояаш ростистодаи сершох аст, ки баландиаш то 2,5 м мешавад. Барғаш байзашакл, дарозиаш 4 - 10 см, хӯшагулаш калон, гулаш сафеди сершаҳд ва тухмаш ҷигарранг аст. |
| Хӯрданбоб | Аввали баҳор баргу пояи ҷавони торонро бузу гусфанд нағз мехӯрад. Мардуми саргаҳи Заравшон онро ҳамчун хӯроки хуби чорво барои зимистон захира мекунанд. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, зимистон (алафи хушк). |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба аввали баҳор |
| Ареал ва маҳалли рушд | Торон бештар дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Қаротегин, Вахш, Ҳазрати шоҳ (1200 - 3400 м аз сатҳи бахр) мерӯяд. Бештар дар манотиқи набототи алафзори мунчу хардума, юғанзор, марғзори субалпӣ, ҷангалзори паҳнбарг, нишебиҳои гилхоку санглох месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 23,2% протеин, 2,0% равған, 20,8% бофтаҳои дурушт, 10,0% хокистар ва 44,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Торон растании хӯроки чорво, шифобахш, ва ороишӣ аст. Он ҳосилнокии алафзорро зиёд намуда, хокро аз эрозия ҳифз мекунад. |
| Сохти наботот | Марғзор, бузургалаф. |




# ТУТҒӮЗАКИ БИСЁРНИКОҲӢ
*Poterium poligamum* Waldst. et Kit.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 40 - 80см буда, пояаш рост, бисёр, дар қисми поёнаш мӯякдор аст. Баргҳои наздирешагӣ ва поёнӣ калонтар буда, аз 6 - 8 сафҳа иборат мебошанд. Ранги гулаш сабзчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон (ба ғайр аз Помири Ғарби ва Шарқӣ ), дар манотиқи набототи ҷангалзори гармсер (пистаю бодомзор), паҳнбарг, алафзори саваннамонанд (чавдору гандумакзор), заминҳои партов, киштукорӣ, лалмӣ, нишебиҳои серкуму санглох, дар баландии 1000 - 2500 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво, растании шифобахш ва техникӣ буда, алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Ҷангалзори гармсер ва саваннамонанд. |



**ТУТАКАЛӢ**
*Conium maculatum* L.

## ТУТАКАЛӢ
## *Conium maculatum* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи баландиаш 150 см буда, пояаш рости дарунаш холӣ, сершох, доғдор ва дорои чӯякчаҳои борик мебошад. Баргҳои бехи пояаш секунҷашакл, калони думчаашон дароз ва баргҳои қисми бологии поя хурд мебошанд. Хӯшагулаш чатршакли сергул буда, ранги гулаш сафед аст. Тухмаш байзашакл буда, қирраҳои мавҷшакл дорад. |
| Хӯрданбоб | Растании мазкур сахт заҳрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳи Зарафшон, мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Ҳисору Дарвоз, Помири Шарқӣ, алафзори пасти саваннамонанд, ҷангалзори гармсер, дарахтони паҳнбарг, дар канори роҳҳо, ҷӯйҳо ва дарё дар баландии 800 - 2000 м аз сатҳи бахр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Паст. Равғани эфирӣ ва алкалоидҳои хеле заҳрнок дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар тиббӣ муосир ва халқӣ истифода мешавад. |
| Сохти наботот | Алафаш калон ва марғзор. |



**УШТУРХОРИ ҚИРҒИЗӢ (ЯНТОҚ)**
*Alhagi kirghisorum* Schrenk.

# УШТУРХОРИ ҚИРҒИЗӢ (ЯНТОҚ)
## *Alhagi kirghisorum* Schrenk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ бо баландии 80 - 90 см буда, пояаш рост, сахт, суфта ва хордор (дарозиаш 2,5 - 3,5 см) мебошад. Гулаш аз берун зард ва аз дарун бунафшранг мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш уштур нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии Қурама, Туркистон, Зарафшон ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар набототи саваннамонанд ва шибляк, ҷорубаку ғешазор, шӯрзамин ва лаби дарёҳо, дар баландии 700 - 1600 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 12,9% протеин, 2,2% равған, 33,2% бофтаҳои дурушт, 7,7% хокистар ва 44,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хошоки хуби зимистона барои бузу гӯсфанд аст. Ӯ нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез мегардонад ва аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк. |




## УШТУРХОРИ ХОКИСТАРРАНГ
## *Alhagi canescens* (Regel) Sharp.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш рост, ғафс, сахт, сершох, хордор ва суфта аст, ки баландиаш 60 - 90 см мешавад. Хорҳои поёнии пояаш калон (дарозиашон 2 - 4 см) аст. Гулаш бунафшаранги гулоби-тоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон (хошок). |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии Ҳисору Дарвоз, ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд ва шибляк, шивоқу шуразор, лаби ҷуйбору дарёҳо, дар баландии 350 - 1300 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 9,9% протеин, 4,2% равған, 43,2% бофтаҳои дурушт, 9,7% хокистар ва 33,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хошоки хуби зимистона барои бузу гӯсфанд мебошад. Ӯ нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, шибляк. |



ХАНДАЛАБ
*Lachnophyllum gossypinum* Bunge.

# ХАНДАЛАБ
## *Lachnophyllum gossypinum* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи яксолаи баландиаш то 1 м буда, пояаш рости, сершох ва баргаш сермӯякдор мебошад. Гулаш зарди равшан буда, дорои раги бунафшатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Гӯсфанд нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1- маротиба моҳи октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шимолӣ, дар манотиқи набототи саванамонанди алафаш паст,дар баландии 400 - 700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,5% протеин, 7,1% равған, 24,1% бофтаҳои дурушт, 7,5% хокистар ва 52,8% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз бодлесӣ ва шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Биёбон, саванамонанди алафаш паст. |



**ХАРАКХОРИ САМАРҚАНДӢ**
*Echinops maracandicus* Bunge.

# ХАРАКХОРИ САМАРҚАНДӢ
## *Echinops maracandicus* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 40 - 100 см буда, пояаш рост, сермӯякдор, ғафсак ва рангаш сабзи хокистарранг. Дарозии баргаш то 25 см буда, ранги гулаш сафед мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Хисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, Помири Ғарбӣ, манотиқи набототи ҷангалзори паҳнбаргу арчазор, саванамонанд ва марғзори субалпӣ дар баландии 1450 - 1800 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, баргу мевааш серхор аст. |
| Аҳамияти иктисодӣ ва экологӣ | Харакхор хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Хоралаф, саваннамонанд. |



**ХАРДУМА**
*Dactylis glomerata* L.

# ХАРДУМА
## *Dactylis glomerata* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор буда, решааш кӯтоҳи, боқувват, чимреша аст. Пояаш ростистода, сербарг ва баланди-аш то 1 м мешавад. Баргаш дароз, ҳам-вор, баъзан мӯякчадор буда, хӯшагулаш чорӯбак аст. |
| Хӯрданбоб | Хардума алафи беҳтарини чарогоҳ буда, хӯроки серғизои ҳамаи чорво, хусусан гов мебошад. Дар давраи сабзиш чорво 65 - 75% алафи онро истеъмол мекунад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Дар  мавсим 3 маротиба: моҳҳои апрел-июн, сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ  (ба ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар баландии 1100 - 2800 м аз сатҳи бахр мерӯяд. Дар манотиқи набототи алафзори ҷавдору гандумак, ҷангалзорҳо ва марғзорҳои миёнакӯҳ ва баландкӯҳ месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 12,2% протеин, 2,6% равған, 29,8% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 48,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Алафзори хардума аз 1 га 6 - 8 т беда медиҳад. Хардума хокро аз шусташавӣ ва бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти набогот | Марғзор. |



ХАСАККУЧАЛА
*Eminium albertii* (Regel) Engl.

## ХАСАККУЧАЛА
### *Eminium albertii* (Regel) Engl.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаест, ки дорои лӯндареша аст. Диаметри лӯндарешааш 2,5 - 5 см буда, камтар пачақшуда мебошад. Думчаи баргҳояш дароз буда, сафҳааш ба 3 парраи панҷашакл тақсим шудааст. Сӯтагулаш зуғӯташакл аст, ки бо барг пӯшида шудааст. |
| Хӯрданбоб | Гиёҳи бадбӯй ва заҳрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | |
| Карати истифодабарӣ | |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҷанубу ғарби Помиру Олой, мавзеъҳои ҷанубии Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, дар манотиқи нашототи саванамонанд, ҷангалзори гармсер, нишебиҳои гилзамин, дар баландии 500 - 1800 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Чорво намехӯрад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Бо бехи ин растанӣ табибони халқӣ дарди буғум ва ревматизмро табобат менамоянд. |
| Сохти наботот | Ҷангали гармсер ва саваннамонанд. |



**ХОРАЛАФИ АЛПӢ**
*Cousinia alpina* Bunge.

# ХОРАЛАФИ АЛПӢ
*Cousinia alpina* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи дусола бо баландии 20 - 50 см буда, решааш аз пояаш ғафстар аст. Пояаш рост, сершоху барғаш бисёр ва чӯякчадор мебошад. Баргу меваи он серхор, аз боло кабуди хокистарранг, аз поён бо мӯяки сафед пӯшида шудааст. Гулаш арғувонии гулобитоб аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шаркӣ, дар набототи ҷангалзори паҳн-барг, арчазор, даштҳо, саванамонанд, марғзори субалпӣ, дар баландии 1400 - 3700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, баргу меваaш хордор аст. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Хоралафи алпӣ хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг, даштҳо ва саваннамонанд. |



**ХОРАЛАФИ БИСЁРСАР**
*Cousinia polycephala* Rupr.

# ХОРАЛАФИ БИСЁРСАР
## *Cousinia polycephala* Rupr.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсолаи баландиаш то 100 см буда, монокарпик аст. Решааш аз рояаш ғафстар буда, яксара ва рост мебошад. Рояаш рост, сербаргу сершох буда, барги назди решагиаш калони дарозиаш то 50 см мебошад. Ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи нabототи саваннамонанд, ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, арчазор, пистаю бодомзор, ҷорубаку ғеша ва сузокгиёҳ, дар баландии 500 - 2000 м аз сатҳи бахр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайри хӯрокӣ буда, алафзори он хокро аз бодлесӣ ва шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва ҷангалзори гармсер. |



**ХОРАЛАФИ ТОБОН**
*Cousinia splendida* C. Winkl.

# ХОРАЛАФИ ТОБОН
## *Cousinia splendida* C. Winkl.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсола бо баландии 20 - 70 см буда, решааш чӯбшуда ва серсар аст. Пояаш рост, суфта, сербарг, камшох ва дорои ҷӯякчаҳо ва раххои борик мебошад. Барглаш хордор буда, аз поён бо мӯякҳои сафед пӯшида шудааст. Гулаш зарди бунафштоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон (ба ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар манотиқи чангалзори набототи паҳнбарг, арчазор, саваннамонанд, дашт, трагакантҳо, нишебиҳои регдор, санглохзор ва шағалҷойҳо, дар баландии 2300 - 3300 м аз сатҳи бахр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайрихӯрокӣ, баргу меваааш хордор аст. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Хоралафи тобон хокро серҳосил наму-да, аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Чангалзори паҳнбарг ва трагакантҳо. |



**ЧАНОРАК**
*Ranunculus laetus* Wall.

# ЧАНОРАК
## *Ranunculus laetus* Wall.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксола ё дусола буда, баландиаш то 100 см мешавад. Пояаш ғафси дарунаш холӣ ва теғанок аст. Барги ин растанӣ суфта, ғафс, чилодор, аз се парра иборат аст, ки лаби парраҳояш резаҳои аррамонанди калон доранд. Гулаш хурди рангаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи сабзиш чорво намехӯрад, чунки заҳрнок аст. Чорво онро дар намуди хошок истеъмол мекунад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон (хошок). |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Чанорак дар заминҳои сернами минтақаи миёнакӯҳи Тоҷикистони Марказӣ мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Паст аст. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Чаноракзор дар мавсим 2 - 3 тонна алафи хушк медиҳад ва ҳолати экологии хокро хуб мекунад. |
| Сохти наботот | Мағзор. |




## ЧАТИРИ КАЛОНГУЛ
*Strigosella grandiflora* (Bunge) Botsch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи баландиаш 10 - 45 см буда, пояаш сершох ва дар қисми поёниаш сермӯякдор мебошад. Ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Серғизо буда, ҳамаи намуди чорво онро нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳҳои апрел-май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саваннамонанд (ҷорубаку ғеша), туғайзор, саксавулу газзор, дар баландии 350 - 700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 12,5% протеин, 2,4% равған, 35,2% бофтаҳои дурушт, 7,0% хокистар ва 42,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз бодлесӣ ҳифз менамояд |
| Сохти наботот | Саванамонанди алафаш паст. |



**ЧАТИРИ ТУРКИСТОНӢ**
*Strigosella turkestanica (Litv.)* Botsch.

## ЧАТИРИ ТУРКИСТОНӢ
*Strigosella turkestanica (Litv.)* Botsch.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи баландиаш 10 - 50 см буда, пояаш сершох ва сермӯякдор мебошад. Ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Серғизо, ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи апрел. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саван-намонанд (ҷави пиёзакдор), шибляк, пистазор, бодомзор, дар баландии 500 - 1700 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 9,5% протеин, 3,4% равған, 38,2% бофтаҳои дурушт, 7,0% хокистар ва 41,9% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саванамонанд, ҷангали гармсер. |



**ЧОҚАЛАИ БЕПОЯ**
*Inula rhizocephala* Shrenk.

## ЧОҚАЛАИ БЕПОЯ
*Inula rhizocephala* Shrenk.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи қадпасти бисёрсола мебошад, ки поя надорад. Дарозии баргаш 4 - 16 см буда, гирди гарданаки реша ба тӯда ҷамъ омада, дорои мӯякчаҳо мебошад. Ранги гулаш зард аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво баргашро камтар мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи август. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои баландкӯҳи таназзулёфтаи ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон, дар манотиқи арчазор, марғзори алпӣ, ҷойҳои сернам, дар баландии 1200 - 3900 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | — |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Дар чарогоҳ хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзори алафаш паст. |



**ЧОРМОҒАК**
*Dictamnus tadshikorum* Vved.

## ЧОРМОҒАК
## *Dictamnus tadshikorum* Vved.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи худрӯи бисёрсола бо баландии 50 - 100 см буда, пояаш рости камшох ва мӯякдор мебошад. Баргаш паршакли тоқ буда, бо мӯякчҳо пӯшида шудааст. Ранги гулаш гулобӣ аст. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, Ҳисору Дарвоз, ҷангалзори паҳнбарг, арчазор, алафзори набототи саваннамонанд (гандумакзор, юғанзор), зарангзор, нишебиҳои санглох, дар баландии 1100 - 2500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи бӯйнок буда, дар таркибаш алкалоидҳо ва равғанҳои эфирӣ дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании шифобахш аст. Алафзори он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Ҷангалзори паҳнбарг ва саваннамонанд. |



ЧАВДАРАКИ ВАЛЕЗИЯГӢ
*Festuca valesiaca* Gaudin.

# ЧАВДАРАКИ ВАЛЕЗИЯГӢ
## *Festuca valesiaca* Gaudin.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи хӯшадор бо баландии 25 - 40 см буда, чими решааш калони зич аст. Пояҳояш бисёр, рост ва суфта ҳастанд. Баргаш сабзи хокистарранг аст. Хӯшагулаш ҷорӯбак буда, дарозиаш 7 - 10 см ва рангаш сабзи хокистарранг мебошад. |
| Хӯрданбоб | Растании беҳтарини чарогоҳҳои тобистонаи Тоҷикистон аст. Ҳамаи намуди чорво нағз (60 - 70%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои июл-август. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, манотиқи набототи даштӣ, субалпӣ, хоралаф, дар баландии 1800 - 3700 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 10,1% протеин, 3,1% равған, 20,3% бофтаҳои дурушт, 9,2% хокистар ва 57,3% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки асосии серғизо буда, дар чарогоҳ устувор аст ва хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштӣ. |




# ЧАВДАРАКИ СУРХ
## *Festuca rubra* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадори баландиаш 25 - 55 см буда, танарешааш сершох ва чимдор аст. Пояаш борики камбарг аст, ки аксари баргҳояш дар бехи пояаш ҷойгир буда, дарозии ҷорӯбакаш 5 - 9 см аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз (70 - 85%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои июл - август. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Помири Ғарбӣ, Олой, манотиқи набототи марғзори субалпӣ ва алпӣ, дар баландии 2700 - 4150 м аз сатҳи бахр пахн гардидааст. |
| Ғизонокӣ | Алафи хуби чарогоҳ буда, алафи хушкаш дар таркиби худ 10,1% протеин, 3,1% равған, 20,3% бофтаҳои дурушт, 9.2% хокистар ва 57,3% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, дар чарогоҳ устувор аст. Хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор. |




# ҶАВИ ПИЁЗАКОР

## *Hordeum bulbosum* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор буда, баландиаш 50 - 150 (200) см мешавад. Пояаш рост ва дар қисми поёнаш пиёзшакли ғафс (то 1.5 см) мебошад. Барги рости, дарозрӯяи бо мӯякҳо пӯшида дорад. |
| Хӯрданбоб | Баргу пояи сабз ва алафи хушки онро то хӯшабандӣ гов, асп ва гусфанд хуб (60 - 70%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 1-ум маротиба - нимаи дуюми апрел-май, 2-юм маротиба аз 15 сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои доманакӯҳу миёнакӯҳи қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ бештар паҳн гардидааст. Дар минтақаи набототи саваннамонанд ва гармсер, ҷангали паҳнбарг, баландии 800 - 2700 м аз сатҳи баҳр месабзад. Ҷамоаи набототи ҷавдору гандумакзорро ташкил медиҳад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 10,8% протеин, 27,0% бофтаҳои дурушт, 2,5% равған, 6,1% хокистар ва 53,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании асосии чарогоҳҳои эфемерию эфемероидӣ аст. Майдони зиёди онро дарав намуда, ба зимистон хошок захира мекунанд. Ҷавдор хокро аз шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Саваннамонанди алафзори хӯшадор. |



**ҶАВИ ТУРКИСТОНӢ**
*Hordeum turkestanicum* Nevski.

## ҶАВИ ТУРКИСТОНӢ
## *Hordeum turkestanicum* Nevski.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор буда, баландиаш 20 - 60 см мешавад. Порошаш рост буда, дар поёнаш ба зинаҳои қадшуда тақсим шудааст. Баргаш дарози борик буда, рангаш сабзи кабудчатоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи чорво нағз (60 - 70%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба моҳи июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои баландкӯҳи ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон, набототи марғзор ва даштҳо, дар нишебиҳои санглох, дар баландии 2500 - 4200 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 16,3% протеин, 4,0% равған, 29,4% бофтаҳои дурушт, 13,8% хокистар ва 36,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, ба хушкӣ ва сернамакии хок устувор аст. Майдони зиёди онро дарав намуда, ба зимистон хошок захира менамоянд. Чими он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Даштҳо, марғзор. |



**ҶАВСАРАКИ БЕШӮГ**
*Bromopsis inermis* (Leyss.) Lindm.

# ҶАВСАРАКИ БЕШӮГ
## *Bromopsis inermis* (Leyss.) Lindm.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор, баландиаш 40 - 140 см буда, пояаш рост, сербарг ва микдорашон 1 то аст. Решааш хазанда буда, дорои навдаҳои зеризаминӣ мебошад. Хӯшагулаш ҷорӯбак аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор ва тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳи май июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, даштҳо, ҷангалзори паҳнбаргу гармсер, дар баландии 1000 - 3000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 15,6% протеин, 3,2% равған, 22,0% бофтаҳои дурушт, 7,6% хокистар ва 51,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил аст. Решаи зичи (чими) он хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор ва даштҳо. |



**ҶОРӮБАКИ ЧАМАНЗОРӢ**
*Poa pratensis* L.

# ҶОРӮБАКИ ЧАМАНЗОРӢ
## *Poa pratensis* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсолаи хӯшадор, бисёрпоя, чимдор ва баландиаш 40 - 90 см аст, ки пояаш борики сербарг мебошад. Барглаш дарози борик буда, хӯшагулаш ҷорӯбаки бунафшаранг аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз (70 - 85%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои май-июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Олой, Помири Ғарбӣ, манотиқи набототи марғзор, ҷангалзор, дар баландии 800 - 3600 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 12,0% протеин, 2,8% равған, 30,8% бофтаҳои дурушт, 6,9% хокистар ва 47,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, дар чарогоҳ устувор аст. Хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Марғзор. |




# ҶОРУБАКИ ПИЁЗАКДОР

## *Poa bulbosa* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи хӯшадор буда, баландиаш 20 - 70 см, пояаш борики камбарг, бехаш ғафси пиёзакмонанд аст, ки решааш чим ҳосил мекунад. Баргаш борику дароз (7 - 15 см) аст, ки он асосан дар бехи поя ҷойгир мебошад. Хӯшааш ҷорӯбак, гулаш сабзтоб, дар бисёр маврид ба ҷои гул пиёзак месабзад. Бинобар он онро «зиндазо» меноманд. |
| Хӯрданбоб | Баргпоя ва пиёзаки он хӯроки серғизои чорвост. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба |
| Ареал ва маҳалли рушд | Тоҷикистон дар ҳама ҷой (то Помири Ғарбӣ ) дар баландии то 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Он ҳамроҳи ғеша ва эфемерҳо набототи саваннамонанди қадпастро ташкил медиҳад. Дар минтақаи набототи саваннамонанд ва шибляк (пистазор) бештар вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Баргу пояи хушки он дар давраи пухтани пиёзакаш дар таркиби худ 10,0% протеин, 4,7% равған, 33,0% бофтаҳои дурушт, 8,2% хокистар ва 44,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ҷорӯбак растании хуби хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. Алафзори онро солҳои сернам дарав намуда, хошок захира менамоянд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд. |



**ШАҒАЛАК**
*Hammada leptoclada* Iljin.

# ШАҒАЛАК
## *Hammada leptoclada* Iljin.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Буттаи сершох аз оилаи шураиҳо буда, то 1 м қад мекашад. Навдаҳои яксолааш сабзи зардчатоб аст. Моҳи июл гулаш мешукуфад ва сентябр-октябр мева мебандад. Меваaш қанотак дорад ва паҳниаш то 1 см аст, ки ин ба паҳншавии тухм дар чарогоҳ кӯмак мерасонад. |
| Хӯрданбоб | Мева ва баргу навдаҳои яксолаи шағалакро бузу гусфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Зимистон |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба–моҳҳои декабр-феврал |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии Тоҷикистони Ҷанубӣ (қаторкӯҳи Оқтов), байни дарёҳои Вахш ва Кофарниҳон бештар вомехӯрад. Дар нишебиҳою пастхамиҳои серхок ва ҷойҳои санглохи алафзори саваннамонанди қадпаст ва ҷангалзори гармсер (бодомчазор), дар баландии 500 - 1000 м аз сатҳи баҳр месабзад. Ба хушкӣ, сернамакӣ ва хокҳои гаҷдор тобовар аст. |
| Ғизонокӣ | Паст аст. Дар баргу пояи он алкалоидҳои диптерин ва лептокладин мавҷуданд. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании хӯроки чорво ва шифобахш, инчунин маводи сӯзишворӣ (ҳезум) аст. Шағалакзор хокро аз шусташавӣ, бодлесӣ ва алафзори чарогоҳро аз нобудшавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Биёбон. |




## ШАҚОИҚИ БОЙСУНӢ
*Anemone baissunensis* Juz.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 10 - 30 см буда, пояаш рост, як то, баъзан 2 - 3-то ва камтар мӯякдор аст. Решааш лӯндаи байзашакл мебошад. Барги бехи пояаш 3 - 5 то буда, одатан ба 3 - 4-парраҳои бурришашон чуқур тақсим шудаанд. Гулаш калони зард аст. |
| Хӯрданбоб | Растании заҳрнок мебошад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар набототи саваннамонанд, шибляк, алафзори ҷави пиёзакдор, камолу пистазор, дар баландии 700 - 2500 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайри хӯрокӣ аст. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ороишӣ буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк |




# ШАҚОИҚИ БУХОРОӢ
## *Anemone bucharica* Regel ex Fin. et Gagnep.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи баландиаш 20 - 30 см буда, пояаш рост, якто ва баъзан 2 - 3-то мешавад. Барги бехи пояаш 3 - 5 то буда, секунҷашакли васеъ ҳастанд, ки одатан ба 3 - 4-парраҳои бурришашон чуқур тақсим шудаанд. Ранги гулаш сурх аст. |
| Хӯрданбоб | Растании заҳрнок аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар набототи саваннамонанд, шибляк, алафзори гандумак (Elytrigia trichophora), бодому пистазор, дар баландии 600 - 2200 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Растании ғайрихӯрокӣ мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ороишӣ буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва шибляк. |



**ШИБОҒИ БАЛҶУВОНӢ**
*Artemisia baldshuanica* Krasch. et Zapr.

## ШИБОҒИ БАЛҶУВОНӢ
### *Artemisia baldshuanica* Krasch. et Zapr.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи баландиаш 80 - 100 см. Решааш ғафс, чимнамо ва сербуғумдор аст. Баргаш сабзи хокистарранг, сермӯякдор буда, ранги гулаш зард ё зарди сурхчатоб мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ бузу гӯсфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои ноябр-декабр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саваннамонанд (ҷаву гандумакзор), ҷангалзори гармсер ва паҳнбарг, дар баландии 500 - 2500 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Шохчаҳои мевадораш дар таркиби худ 10,7% протеин, 7,8% равған, 32,9% бофтаҳои дурушт, 12,2% хокистар ва 36,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти набототот | Саваннамонанд, шибляк. |



**ШИБОҒИ КӮҲИМУҒУЛ**
*Artemisia mogoltavica* Poljak.

# ШИБОҒИ КӮҲИМУҒУЛ
*Artemisia mogoltavica* Poljak.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи баландиаш 30 - 50 см аст. Навдаҳои яксолааш бисёр, дар аввали сабзиш бо мӯякчаҳо пӯшидашуда буда, қисми поёнии он (то 7 см) чӯбшуда, сершох ва сербарг аст. Решааш ғафси серсар мебошад. Баргаш паршакли бай-замонанд буда, рангаш сабзи зардчатоб аст ва ранги гулаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ бузу гӯсфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ |
| Карати истифодабарӣ | 1маротиба моҳи октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Мевагӯл, Туркистон, Зарафшон, набото-ти биёбон, саваннамонанд, ҷангалзори гармсер, хоки регу қумдор, санглох, дар баландии 400 - 2000 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Шохчаҳои мевадори он равғани эфирӣ ва алдегидҳо дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Растании шифобахш буда, хокро аз бод-лесӣ ва шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Биёбон ва саваннамонанд. |



**ШИБОҒИ СУҒДӢ**
*Artemisia sogdiana* Bunge

# ШИБОҒИ СУҒДӢ
## *Artemisia sogdiana* Bunge.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Нимбуттаи баландиаш 40 - 60 см аст. Навдаҳои яксолааш бисёр, қисми поёниашон (то 7 см) чӯбшуда, сершох, решааш ғафс ва рости сербуғумдор мебошад. Барғаш хокистарранг, паршакли парраҳояш 2 маротиба бурришхӯрда аст. Ранги гулаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ бузу гӯсфанд мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои октябр-декабр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, манотиқи набототи саваннамонанд (гандумакзор), чангалзори гармсер, дар баландии 500 - 1700 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Шохчаҳои мевадораш дар таркиби худ 11,7% протеин, 6,8% равған, 32,9% бофтаҳои дурушт, 10,2% хокистар ва 38,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро аз бодлесӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, шибляк. |



**ШИБОҒИ ҶОРУБӢ**
*Artemisia scoparia Waldst.* et Kit.

## ШИБОҒИ ҶОРУБӢ
## *Artemisia scoparia Waldst.* et Kit.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании як- ё дусола буда, пояаш рости мӯякдор, сершоху баргаш бисёр аст. Ранги пояи мевадори он бунафши сурхчатоб аст. Барграш даврашакл ё байзашакл буда, решааш борики рост мебошад. |
| Хӯрданбоб | Асп, гӯсфанд, шутур истеъмол менамояд. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ, зимистон. |
| Карати истифодабарӣ | 1 маротиба моҳҳои ноябр-декабр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар қаторкӯҳҳои Қурама,Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Помири Ғарбӣ, дар манотиқи набототи саваннамонанд, ҷангалзори гармсер, паҳнбарг, арчазор, даштҳо, заминҳои партов, дар баландии аз 400 то 3200 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,5% протеин, 1,2% равған, 20,6% бофтаҳои дурушт, 7,2% хокистар ва 62,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Ҷорубӣ, гуногуншаклии биологӣ, ҳифзи хок. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд ва растании роғӣ. |



**ШУЛХАИ ПАУЛСЕН**
*Rumex paulsenianus* Rech. f.

# ШУЛХАИ ПАУЛСЕН
## *Rumex paulsenianus* Rech. f.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бузурги бисёрсола аст, ки то 2 м қад мекашад. Пояаш рости қиррадор буда, баргаш тунук ва баргҳои назди решагиаш калон ҳастанд. Хӯшагулаш ҷоруб буда, ҳангоми мевабандӣ ҷигарранги зардчатоб мешавад. |
| Хӯрданбоб | Дар чарогоҳ чорво онро намехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | — |
| Карати истифодабарӣ | — |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои кӯҳсори Зарафшон, Ҳисору  Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар манотиқи субалпӣ, алафзор, марғзор, даштҳо, арчазор, дар баландии 1800 - 3600 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. |
| Ғизонокӣ | Алафи туршак мебошад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Растании ғайри хӯрока аст. Хоки чарогоҳро аз шусташавӣ ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Бузургалаф, марғзор. |



**ШӮРАКИ ТУРКИСТОНӢ**
*Salsola turkestanica* Litv.

# ШӮРАКИ ТУРКИСТОНӢ
## *Salsola turkestanica* Litv.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании серпояи яксола буда, баландиаш 5 - 40 см, ва пояаш сершохи мевадори сермӯяк аст. Баргаш борик буда, сабзи хокистарранг мебошад. Гулаш арғувонии зардчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Гӯсфанд ва буз нағз (60 - 70%) мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 маротиба моҳҳои июл-сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, манотиқи набототи саванамонанди алафаш паст, нишебиҳои наздикӯҳӣ, дар баландии 350 - 800 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,3% протеин, 2,2% равған, 17,6% бофтаҳои дурушт, 25,6% хокистар ва 46,3% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, ба хушкӣ ва хоки шӯр устувор аст. Хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саванамонанди алафаш паст. |




## ШЎРАЧИРИҚ
## *Aeluropus litoralis* (Gouan.) Parl.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Гиёҳи бисёрсолаи, хўшадори, худрўй бо баландии 10 - 40 см буда, дорои навдаҳои дароз, хазанда, ба буғумҳо тақсимшуда мебошад, ки аз буғумҳояш реша месабзад. Баргҳояш дуқатораи борик ҳастанд. Хўшагулаш ғичил мебошад, ки аксарият саракнамо мешавад. Ранги растанӣ сабзи хокистарранг аст. |
| Хўрданбоб | Шўрачирикро дар чарогоҳ чорво (асп ва ЧКШ) нағз мехўрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тобистон, тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | 2 - 3маротиба дар моҳҳои июн-октябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои доманакўҳу наздикўҳии қаторкўҳҳои Қурама, Тоҷикистони Ҷанубӣ бештарвомехўрад. Дар марғзори шўрзамин, то баландии 2700 м аз сатҳи бахр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,4% протеин, 32,1% бофтаҳои дурушт, 1,9% равған, 8,6% хокистар ва 49,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иктисодӣ ва экологӣ | Бо решаи зичи худ хокро аз таназзул ва нобудшавӣ ҳифз менамояд. Ба хушкӣ ва шўрии замин тобовар аст. |
| Сохти наботот | Марғзор. |




# ЭЛЕОСТИКТАИ КӮТОҲМӮЙ
*Elaeosticta hirtula* (Regel et Schmalh.) Kljuykov, M. Pimen. et Tichom.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи баландиаш 20 - 50 (120) см буда, пояаш рост, сахт, қиррадор ва лундадор аст. Ранги гулаш сафед мебошад. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ ), дар мано-тиқи набототи саваннамонанд, шибляк, ҷангалзори паҳнбарг, пистазор, ҷаву гандумакзор, дар баландии 500 - 3200 м аз сатҳи баҳр месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 8,6% протеин, 3,3% равған, 24,6% бофтаҳои дурушт, 9,0% хокистар ва 54,5% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Хӯроки чорво буда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, шибляк. |

## ЮҒАН
*Prangos pabularia* Lindl.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Алафи бисёрсола, пояаш бисёр, қадаш баланд (50 - 180 см) мебошад. Поликарпик. Дарозии сафҳаи барги бехи пояаш 15 - 50 см буда, думчаш дароз аст. Ранги гулаш зард мебошад. |
| Хӯрданбоб | Дар давраи мевабандӣ ҳамаи чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Тирамоҳ. |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба дар моҳи сентябр. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ба ғайр аз Қурама ва Помири Шарқӣ ), дар манотиқи набототи саваннамонанд, даштҳо, ҷангалзори гармсер, хокҳои қуму гилнок, санглох, дар баландии 1000 - 3500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Майдони юғанзор 500 ҳазор га – ро ташкил медиҳад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 9,4% протеин, 2,5% равған, 24,5% бофтаҳои дурушт, 7,0% хокистар ва 56,6% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқти-содӣ ва экологӣ | Серҳосил буда, зимистон хошоки серғизои чорвои калони шохдор (ЧКШ) мебошад ва хокро аз таназзул ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, ҷангалзори гармсер. |



**ЮҒАН**
*Prangos pabularia* Lindl.




# ЮНУЧҚАИ ДУРУШТ
## *Medicago rigidula* (L.) All.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ буда, пояаш рости шохадор, чорқирра ва бо мӯякчаҳои маҳин пӯшида мебошад. Баландиаш аз 10 то 70 см буда, дарозии баргаш 2 - 3 см ва гулаш зард ё норинҷӣ мешавад. |
| Хӯрданбоб | Ин юнучқаро ҳамаи намуди чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, зимистон (дар хошок). |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба пеш аз гулкунӣ, дар моҳҳои апрел- май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамворҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳҳои Мевагул, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар баландии 900 - 1800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи саваннамонанди растаниҳои қадпаст, хушки гармсер (шибляк), алафзори ҷорӯбаку ғеша, бузгандум ва чавдор месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 23,2% протеин, 4,5% равған, 21,2% бофтаҳои дурушт, 13,0% хокистар ва 38,1% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, ҷангалзори гармсер. |




# ЮНУЧҚАИ ЛУНДАШАКЛ
## *Medicago orbicularis* (L.) Bart.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ бо пояи хобраванда ё нимхез, сершохадор ва борик буда, бо мӯякчаҳои сафед пӯшида шудааст. Баландиаш 10 - 100 см, дарозии барғаш 1 - 4 см ва гулаш зарди сурхчатоб аст. |
| Хӯрданбоб | Ҳамаи намуди чорво мехӯрад. Ба чаронидани чорво тобовар аст. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, зимистон (дар хошок). |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба пеш аз гулкунӣ  (моҳҳои апрел- май). |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ, дар баландии 800 - 1800 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи саваннамонанди растаниҳои хӯшагӣ ва хушки гармсер (шибляк), хокҳои серқуму гилнок ва санглох месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 19,8% протеин, 2,4% равған, 22,8% бофтаҳои дурушт, 10,0%  хокистар ва 45,0% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳҳоро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти наботот | Саваннамонанд, ҷангалзори гармсер. |



**ЮНУЧҚАИ МУҚАРРАРӢ**
*Medicago sativa* L.

# ЮНУЧҚАИ МУҚАРРАРӢ
## *Medicago sativa* L.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояаш рост, сахти қиррадор, сершох, мӯякчаҳояш кам аст, ки баландиаш 30 - 90 см мешавад. Гулаш кабуди бунафшаранг мебошанд. |
| Хӯрданбоб | Юнучқаро ҳамаи намуди чорво нағз мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, тобистон. |
| Карати истифодабарӣ | 2 - 3 маротиба дар моҳҳои май-июл. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Худрӯй, дар ҳамаи минтақаҳои Точикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ ) дар набототи саваннамонанд, даштзор, марғзор, чангалзорҳо, дар баландии 500 - 3800 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Чун зироати асосии хӯроки чорво навъҳои он дар заминҳои обӣ ва лалмӣ кишт карда мешавад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,0% протеин, 2,7%равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 9,7% хокистар ва 3,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Серҳосил. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ чамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд. |
| Сохти наботот | Чангалзори паҳнбарг, саваннамонанд, марғзор. |




# ЮНУЧҚАИ ХУРД
## *Medicago minima* (L.) Bartalini.

| | |
|---|---|
| Хусусияти биоморфологӣ | Растании яксолаи лубиёгӣ буда, пояаш рости шохдор ва бо мӯякчаҳои дароз пӯшида аст. Баландиаш 10 - 60 см мешавад. Дарозии барглаш 1,5 - 2,5 см буда, гулаш хурди рангаш зард мешавад. |
| Хӯрданбоб | Ин юнучқаро ҳамаи намуди чорво мехӯрад. |
| Мавсими истифодабарӣ | Баҳор, зимистон (дар хошок). |
| Карати истифодабарӣ | Як маротиба пеш аз гулкунӣ дар моҳҳои апрел-май. |
| Ареал ва маҳалли рушд | Дар ҳамвориҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Марказӣ, дар баландии 300 - 1200 м аз сатҳи баҳр мерӯяд. Дар манотиқи хушки гармсер, алафзори ҷорубаку киёқ, бузгандум ва ҷавдор месабзад. |
| Ғизонокӣ | Алафи хушкаш дар таркиби худ 21,0% протеин, 4,4% равған, 24,9% бофтаҳои дурушт, 12,0% хокистар ва 37,7% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. |
| Аҳамияти иқтисодӣ ва экологӣ | Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, чарогоҳро ҳосилхез мегардонад. |
| Сохти набототот | Саваннамонанд. |

## 2. Усули баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳо

## Усули баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳо

Ҳосилнокии чарогоҳ бо ду усул: зоотехникӣ ва даравидан муайян карда мешавад. Бо усули зоотехникӣ алафҳои истеъмолкардаи чорво дар чарогоҳ аз рӯи маҳсулот ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо усули дарав бошад, алафро дар қитъаҳои хурд даравида, ҳосилнокии он ҳисоб карда мешавад. Усули дуюмро бештар истифода мебаранд, вале иҷроиши он заҳмат ва вақти зиёдро талаб мекунад, чунки барои ҳисоб намудан, хушкшудани намунаҳои алафро интизор шудан лозим аст. Барои фермерон ва чӯпонон усулҳое заруранд, ки дар саҳро тезтар миқдори хӯроки мавҷудаи чарогоҳро баҳо дода тавонанд. Дар баъзе давлатҳо олимон чунин усулҳоро кор карда баромадаанд. Масалан, дар Австралия ва ШМА ҳосилнокии чарогоҳро ба воситаи ҷадвали махсус аз рӯи нишондиҳандаи қади алафзор муайян менамоянд.

Таҳлил ва муқоисаҳои натиҷаи мушоҳидаҳои солҳои 2011-2013 дар қитъаҳои алафдарави чарогоҳҳои наздикӯҳии ноҳияҳои водии Ҳисор дар майдонҳои намоишӣ оид ба нуриандозӣ моро водор кард, ки истифода бурдани чунин усулҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистон ҳам имкон дорад.

Соли 2015 дар доираи лоиҳаи FLERMONECA барои коркарди усули зудтар муайян намудани ҳосилнокии чарогоҳҳои Тоҷикистон, дар давраи сабзиши алафзор корҳои саҳроӣ гузаронида шуд. Намунаҳои алафзор, мушоҳидаҳо, чен кардани қад ва суратгирии зичии алафзор дар қитъаҳои намоишӣ ва чарогоҳҳои ноҳияҳои водии Ҳисор, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, дар моҳҳои март-август ҷамъоварӣ карда шуданд.

Маълумотҳои дар соли 2015 аз 275 қитъаҳои чарогоҳҳои гуногун ҷамъоваришударо бо натиҷаи солҳои сипаригашта муқоиса намуда, ҷадвали баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳои табиӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои қад ва зичии алафзор тартиб дода шуд (ниг. ҷадвал). Суратҳои зичии алафзор (фисади пӯшиши сатҳи чарогоҳ) ва қади алафзор барои тайёр намудани суратҷадвалҳои

намунавӣ истифода шудаанд. Аз рӯи ҷадвали баҳодиҳӣ ва суратҳои намунавии зичӣ ва қади алафзор дар саҳро ба ҳосилнокии чарогоҳ баҳо дода мешавад.

Ҷадвали баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳои табиӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои қад ва зичии алафзор (Мадаминов, 2013-2015)

| Қади алафзор, см | Зичии алафзор, % | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 10 | 20 | 30 | 40 | 50 | 60 | 70 | 80 | 90 | 100 |
| | Ҳосили умумии алафи хушк, кг/га | | | | | | | | | |
| 5 | 300 | 500 | 600 | | | | | | | |
| 10 | 500 | 650 | 750 | 900 | 1100 | | | | | |
| 15 | | 800 | 1000 | 1200 | 1400 | 1700 | 1950 | 2200 | | |
| 20 | | 1100 | 1300 | 1450 | 1650 | 2000 | 2300 | 2650 | 3000 | |
| 30 | | | 1600 | 1800 | 2000 | 2450 | 2700 | 3100 | 3450 | 3900 |
| 40 | | | 2000 | 2250 | 2500 | 2800 | 3100 | 3550 | 3800 | 4250 |
| 50 | | | | 2500 | 2900 | 3150 | 3400 | 3900 | 4200 | 4500 |
| 60 | | | | | 3250 | 3500 | 3700 | 4200 | 4600 | 4950 |
| 70 | | | | | 3500 | 3900 | 4200 | 4600 | 5000 | 5250 |
| 80 | | | | | | 4100 | 4550 | 4900 | 5300 | 5650 |
| 90 | | | | | | | 4800 | 5350 | 5700 | 6000 |
| 100 | | | | | | | | 5550 | 6000 | 6200 |

Тарзи истифодабарии ҷадвали баҳодиҳии ҳосилнокии чарогоҳҳо (ҷадвал) чунин аст. Аз боло ба алафзор назар карда, зичӣ ё ки пӯшиши сатҳии (%) онро муайян менамоем ва бо ҷадвал қадашро чен мекунем. (Нишондиҳандаҳои зичии алафзорро бо суратҷадвалҳои намунавӣ муқоиса кунед). Ин ченкуниро дар 10-20 ҷой такрор намуда, аз рӯи нишондиҳандаҳои миёнаи онҳо ҳосили алафзорро муайян мекунем. Масалан, зичии алафзорро аз боло нигоҳ карда, маълум кардем – 60% ва қади алафро бо ҷадвал чен кардем – 30 см аст. Аз рӯи ҷадвал ҳосилнокии чарогоҳро муайян мекунем: дар сутуни 1 қад ва дар сутунҳои 2-5 нишондиҳандаҳои зичии алафзор дода шудааст. Ҳангоми зичии алафзор 60 % (сутуни 7) ва қади он 30 см (сутуни 1) будан, дар хати буриши онҳо ҳосили алафи хушк ба 2450 кг/га баробар аст.

Зичии алафзор: 10 %, Қади алаф (миёна), 5 см, Ҳосили алафи хушк, 300 кг/га



Расми 1. Аз боло



Расми 1а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 20 %, Қади алаф (миёна), 5 см, Ҳосили алафи хушк, 500 кг/га



Расми 2. Аз боло



Расми 2а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 30 %, Қади алаф (миёна), 5 см, Ҳосили алафи хушк, 600 кг/га


Расми 3. Аз боло


Расми 3а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 30 %, Қади алаф (миёна), 15 см, Ҳосили алафи хушк, 1 000 кг/га



Расми 4. Аз боло



Расми 4а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 40 %, Қади алаф (миёна), 30 см, Ҳосили алафи хушк, 1 800 кг/га



Расми 5. Аз боло



Расми 5а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 50 %, Қади алаф (миёна), 30 см, Ҳосили алафи хушк, 2 000 кг/га



Расми 6. Аз боло



Расми 6а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 60 %, Қади алаф (миёна), 30 см, Ҳосили алафи хушк, 2 450 кг/га



Расми 7. Аз боло



Расми 7а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 70 %, Қади алаф (миёна), 30 см, Ҳосили алафи хушк, 2 700 кг/га



Расми 8. Аз боло



Расми 8а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 70 %, Қади алаф (миёна), 60 см, Ҳосили алафи хушк, 3 700 кг/га



Расми 9. Аз боло



Расми 9а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 80 %, Қади алаф (миёна), 40 см, Ҳосили алафи хушк, 3 550 кг/га



Расми 10. Аз боло



Расми 10а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 90 %, Қади алаф (миёна), 30 см, Ҳосили алафи хушк, 3 450 кг/га



Расми 11. Аз боло



Расми 11а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 90 %, Қади алаф (миёна), 70 см, Ҳосили алафи хушк, 5 000 кг/га



Расми 12. Аз боло



Расми 12а. Аз паҳлӯ

Зичии алафзор: 100 %, Қади алаф (миёна), 70 см, Ҳосили алафи хушк, 5 250 кг/га



Расми 13. Аз боло



Расми 13а. Аз паҳлӯ

**Муайянкунандаи набототи чарогоҳу алафзори Тоҷикистон ва усули баҳодиҳии ҳосилнокии онҳо**

Лоиҳаи EU FLERMONECA
734042 ш.Душанбе, кӯчаи Айни/Назаршоев
Т.: +992 (93) 5154777 E-mail: zafar.abdullaev@giz.de
www.flermoneca.org

Ба чоп 02.10.2015 имзо шуд.
Андозаи 46х64 1/8. Қоғази ҳамвор. Чопи офсет.
Адади нашр 13000 нусха. Супориш № 14/15
Китоб дар ҶДММ «Контраст» ба нашр расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Мухаммад, 28

